ДАРГУЗАШТИ РАИСӢ ДАР СУҚУТИ ҲАВОПАЙМО с.4
РАВОДИДИ ШЕНГЕН ГАРОН ШУД с. 3
ҚАБУЛ БА СИНФИ ЯК АЗ КАЙ ОҒОЗ МЕШАВАД с. 3

# ТОҶИКИСТОН

№21 (1584), 22.05.24 Рӯзнома зиёд, «Тоҷик... т! Оғози нашр соли 1992





# 17 СОЛ ПАС

## СОМОН МАҲМАДБЕКОВ КОРНОМАИ РАСУЛ БОҚИЕВРО ТАКРОР КАРД

**МАҶМААИ ИСТИҚОМАТИИ «ҲИСОР МОЛЛ»**

*Маҷмааи бисёрфунксионалии "Ҳисор мол" бо ҷойгиронии 3-блоки биноҳои истиқоматии бисёрбаландошёнаи истиқоматӣ, воқеъ дар Ҷамоати шаҳраки Ҳисор ҷойгир аст.*

M.O.O. Group
СЕБИСТОН-2018
ширкати сохтмонӣ
*Бартарии «ҲИСОР МОЛЛ»*

*ХАРИДИ ХОНА ДАР МАҶМААИ БИСЁРФУНКСИОНАЛИИ "ҲИСОР МОЛ" ОСОН ШУД. ҲАМАГӢ 30 ФОИЗИ МАБЛАҒРО ПЕШПАРДОХТ НАМОЕД ВА 70 ФОИЗИ БОҚИМОНДАРО ДАР ДАВОМИ 3 СОЛ СУПОРЕД.*

- Хонаҳои бароҳат аз 47,7 м2 то 134,2 м2
- Фасади зебо бо тирезаҳои панорамӣ
- Лифтҳои баландсуръати пассажир ва боркашонӣ
- Системаи гармидиҳӣ ва хунуккунии инфиродӣ
- Системаи инфиродии обтъаминкунӣ
- Хидмати консерж 24/7
- 108 ҷой барои таваққуфгоҳ
- Гипермаркет
- Ду кинотеатр
- Маркази фароғатии кӯдакон
- Кортҳои хӯрокворӣ
- SPA
- Ҳавзи шиновариии дарунӣ
- Маркази фитнес



*Телефони шуъбаи фурӯш:* +992 301-99-99-99 | 887-00-31-33

## ДАР ИН ШУМОРА:

**ВАН И ДАР ТОҶИКИСТОН**
Аз ташрифи Си Ҷинпин то сода кардани раводид с.3

**СУҚУТ**
Президентҳое, ки дар сонеҳаи ҳавопаймо ҷон додаанд с.4

**АЗ ПАХТА ТО РАВҒАН**
Форуми соҳибкории Тоҷикистону Озарбойҷон чӣ натиҷа дод? с.5

**МУҲОҶИРАТ**
Тотористон ронандаҳои тоҷикро бо кор таъмин мекунад с.2

**ИМПЕРИЯИ УСМОНӢ**
Ҷавони тоҷик чӣ гуна ба он роҳ ёфт? с.7

**ҚОРӢ РАҶАБ**
Ба хотири мошин зани сеюм гирифту... с.10

**НАВГОНӢ**
Сиккаҳои Ҳисор дар Теҳрон с.11

**ВАРЗИШ**
Омодагии Тоҷикистон барои бозӣ бо Урдун ва Покистон с.9

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР, Сармуҳаррир, раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА, муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР, муҳаррир

Талбак НАЗАРОВ, раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

Фарҳод РАҲИМӢ, академик

Шералӣ КАБИР, вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА, раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

Масъуди МИРШОҲӢ, раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

Қозидавлат ҚОИМДОДОВ, сиёсатмадор

Адаш ИСТАД, нависанда (Узбекистон)

Ҳафиз РАҲМОН, адабиётшинос

Иноят ИНОЯТОВ, ҳуқуқшинос

Умед СУЛТОНОВ, саҳифабанд

МУАССИС: Ҳайати кормандони ҳафтанома

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.*
*Дар ҳафтанома маводе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани маводи ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи маводи шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолиброро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

ТЕЪДОДИ НАШР:
33 000 нусха.

# МУЛОҚОТИ ВАЗИРОНИ КОРҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОНУ РУСИЯ ДАР ОСТОНА

**Вазирони корҳои хориҷии Тоҷикистону Русия Сироҷиддин Муҳриддин ва Сергей Лавров дар шаҳри Остона мулоқот карданд.**

Ҷонибҳо маҷмӯи масъалаҳои муносибатҳои ду кишварро бо тамаркуз ба татбиқи мувофиқаҳои 9-уми майи соли 2024 миёни сарони давлатҳои Тоҷикистону Русия бадастомада мавриди муҳокима қарор доданд.

Ҳамчунин, ҷонибҳо атрофи масоили фаъолияти меҳнатии муваққатии шаҳрвандон ва омодагӣ ба музокироти дуюми байниидоравии Тоҷикистону Русия, ки 28-уми майи соли ҷорӣ дар Душанбе доир мешавад, мубодилаи афкор намуданд.

Бино ба маълумоти оморӣ, соли гузашта гардиши тиҷорат байни Тоҷикистону Русия тақрибан ба 2 миллиард доллар баробар шудааст.

# ТОТОРИСТОН РОНАНДАҲОИ ТОҶИКРО БО КОР ТАЪМИН МЕКУНАД

**Байни Вазорати нақлиёти Тоҷикистон ва Вазорати нақлиёт ва хоҷагии роҳҳои Тотористон Ёддошти тафоҳум ба имзо расид.**

Ёддошти тафоҳумро вазири нақлиёти Тоҷикистон Азим Иброҳим ва вазири нақлиёт ва хоҷагии роҳҳои Тотористон Фарит Ханифов дар доираи Форуми байналмилалии иқтисодии «Русия - ҷаҳони ислом: KazanForum» имзо намуданд.

"Ҳадафи санад рушд ва таҳкими муносибатҳои судманд, дар сатҳи сифатан нав ба роҳ мондани ҳамкорӣ дар соҳаи нақлиёт ва мусоидат ба ҷалби коргарони соҳибихтисос ва субъектҳои тарафҳо барои ташкили корхонаҳо дар соҳаи нақлиёт мебошад",- иттилоъ медиҳад Вазорати нақлиёти Тоҷикистон.

Гуфта мешавад, ки ҷонибҳо ба тафоҳум омаданд, ки барои ҷалби кормандони соҳибихтисос аз Тоҷикистон ба қаламрави Тотористон дар соҳаи ҳамлу нақли мусофирон шароит муҳайё созанд. Инчунин, бо мувофиқа бо тарафи манфиатдор тартиби будубоши шаҳрвандон (ронандаҳо, муҳандисон, нозиратчиён ва дигар кормандони ёрирасон)-ро бо кафолатҳои иҷтимоӣ таъмин намоянд.

# ҶАРИМАИ 91 РОНАНДАИ НАҚЛИЁТИ БОРКАШ ДАР ХАТЛОН

**Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёт дар минтақаи Бохтар барои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва риоя накардани талаботи иҷозатномадиҳӣ беш аз 1 ҳазору 880 санади ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб додааст. Ин омор ба соли равон рост меояд.**

Исроил Шафизода, сардори хадамоти мавриди назар ба Pressa.tj гуфт, ки аз ҳисоби санадҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ 597 ҳазор сомонӣ ҷарима баста шуд.

"Вале то имрӯз каме бештар аз 424 ҳазор сомонӣ ситонида шудаасту халос",- афзуд вай.

Ба таъкиди номбурда, боқимондаи маблағ рӯзҳои наздик ба суратҳисоби ин ниҳод ворид мешавад.

«Барои риоя накардани меъёри муайяни вазн аз ҷониби ронандагони нақлиёти боркаш, 91 нафарашон ҷарима баста шуданд. Ҷаримаи 91 ронандаи нақлиёти боркаш беш аз 327 ҳазор сомонӣ аст. Мо назоратро болои ронандагони нақлиёти боркаш минбаъд низ идома хоҳем дод. Зеро бо гарм шудани ҳарорати ҳаво ва риоя накардани меъёри муайяни вазн роҳҳои мошингард пеш аз муҳлат хароб мешаванд»,- изҳор дошт ӯ.



# МАҚОМИ НАВИ МУРАББИИ ТОҶИК ДАР ӮЗБЕКИСТОН

**Мураббии тоҷик Ҳаким Фузайлов сармураббии бошгоҳи "Хоразм"-и Ӯзбекистон таъйин шуд.**

Фузайлов дар Ӯзбекистон бо он шинохта аст, ки тимҳои ин кишвар тахти роҳбарии ӯ аз Про-лига ба Лигаи олӣ роҳ меёбанд.

Тайи се соли охир "Динамо"-и Самарқанд ва баъд "Бухоро"-ро тарбия карда, то ба Лигаи олии Ӯзбекистон расонд.

Фузайлов аз соли 2005 то декабри соли 2011 дар "Ростов" ва "Локомотив"-и Маскав мураббӣ буд. Моҳи январи соли 2012 вай ноиби президенти "Локомотив" -и Тошканд оид ба масъалаҳои тарбияи бозигарон таъйин гардида буд. Ӯ ҳамчунин тими миллии Тоҷикистон, дастаҳои "Истиқлол" ва "Куктош"-ро тамрин додааст. Ҳаким Фузайлов дорои иҷозатномаи мураббигии дараҷаи PRO мебошад.

# САРИ САБЗ



**Абдукарими МАШРАБ, директори Театри Лоҳутӣ**

**- Аҳли Театри Лоҳутӣ рӯзи зодрӯзи устод барои табрик ба хонааш рафтем. Устод ба мо гуфт, ки ба шаби эҷодӣ меоед. Вале наомад. Устод Ҳошим Гадоро бояд Вазорати фарҳанг ба ин ҷорабинӣ меовард ва Театри Лоҳутӣ ба ин кор масъул набуд.**

*- Ана, фаҳмидем сабаби нарафтанашонро. Набояд барои табрики устод ба хонаашон мерафтед. Чун пешакӣ табрик кардед, дигар зарур надонистагистанд ранҷ кашидаву ба шаби эҷодӣ раванд. Ба ҳар ҳол, айби худашон...*



**Беҳзод УСМОНОВ, размикори ҷавони тоҷик**

**- Вақтамро хуш гузаронида, дар паҳлуи Гейҷи машқ кардам. Ҳозир қарордод бо UFC-ро мунтазирам. Дана Уайт гуфт, ки моҳҳои август-сентябр бо ман қарордод баста, барои рақобат дар лига имкон медиҳанд.**

*- Оҳҳо, ана акнун, насиб бошад, тиламоҳ натиҷаи машқҳову хушгузарониҳо маълум мешавад. Ғалберро аз об мебардорем ва мефаҳмем, ки зиёдтар машқ кардаед ё вақтхушӣ?*



**Сироҷиддин ИКРОМӢ, нависандаи адабиёти муосир**

**- Намехоҳам шоирон аз ман ранҷанд, аммо шояд наср заҳмати бештар металабад. Насрро наметавон имрӯз навишту рӯзи дигар нашр кард. Чун он бояд ба гуфти аҳли эҷод чое гузошта шавад қадре, то намак хӯрад.**

*- Ин гумонатон ноҷост, устоди азиз. Ягон шоир аз ин гапҳо намеранҷад. Зеро, то нависандаҳо насрашонро дар намак хобонидаву мунтазири намак хӯрданаш мешинанд, ки шоирон ҷилд-ҷилд шеър чоп мекунанд.*

# АЗ ТАШРИФИ СИ ҶИНПИН ТО СОДА КАРДАНИ РАВОДИД

**Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зимни вохӯрӣ бо вазири корҳои хориҷии Чин Ван И рӯзи 18-уми май Чинро яке аз шарикони бузурги кишвар дар бахшҳои тиҷорату иқтисод ва сармоягузорӣ номид. Ӯ изҳор намуд, ки ҳаҷми умумии сармояи чинӣ ба иқтисодиёти Тоҷикистон дар даҳ соли охир 3,8 млрд доллари амрикоиро ташкил медиҳад.**



### Шарики боэътимод

18-уми май дар Қасри миллат мулоқоти раисҷумҳури Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо вазири корҳои хориҷии Чин Ван И сурат гирифт.

Ба иттилои дафтари матбуоти президент, Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо вазири хориҷаи Чин вазъи кунунии ҳамкории ду кишвар ва масоили мубрами минтақавию байналмилалиро баррасӣ кард.

Эмомалӣ Раҳмон зимни ин мулоқот аз тамоюли афзояндаи муносибатҳои дӯстӣ ва шарикии стратегии ҳамаҷониба изҳори қаноатмандӣ кард.

"Мо ҷонибдори идомаи тақвияту густариши чунин анъанаҳои ҷавобгӯ ба манфиатҳои бунёдии мардумони ду кишвар ҳастем",- гуфт ӯ.

Ҳамчунин, зимни мулоқот густариши робитаҳо дар соҳаҳои саноат, бахусус саноати кӯҳӣ, нақлиёт, энергетика ва кишоварзӣ муҳокима гардид.

Эмомалӣ Раҳмон дар ин мулоқот ба роҳандозии ҳамкории фаъол бо Чин оид ба татбиқи лоиҳаҳои муштараки марбут ба "иқтисоди сабз", иқтисоди рақамӣ, зеҳни сунъӣ ва истеҳсолот дар Тоҷикистон бо истифода аз "технологияҳои сабз" таъкид кард.

Ба иттилои манбаъ, ҷонибҳо ҳамчунин масъалаҳои ҳамкорӣ дар соҳаҳои фарҳангиву гуманитариро баррасӣ намуданд.

Ҳамзамон тарафҳо дар соҳаи амният, пеш аз ҳама дар масъалаҳои муқовимат бо таҳдиду хатарҳои ҷаҳони муосир табодули афкор намуданд.

Тарафҳо ба таҳкими ҳамкории бисёрҷониба дар доираи созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ, бахусус дар чаҳорчӯби Созмони ҳамкории Шанхай ва "Осиёи Марказӣ + Чин" таъкид намуданд.

Ҳамчунин аҳамияти идомаи ҳамкории минбаъда ҷиҳати дастгирии ташаббусҳои глобалии ҳамдигарӣ таъкид гардид.

### Сода кардани раводид

Чин дар садади ибтикори таъсиси замина барои сода кардани додани раводид барои шаҳрвандони Тоҷикистон, аз ҷумла бо ҳадафҳои тиҷоратӣ ва дидорбинии хешу табор аст. Ин пешниҳодро ахиран Ван И, вазири корҳои хориҷии Чин, ки бо як сафари расмӣ дар Душанбе қарор дошт, матраҳ кард. Ван И аз ҷорӣ намудани низоми бидуни раводиди 14-рӯза барои баъзе аз шаҳрвандони Чин истиқбол карда, афзуд, ки ин кишвар низ дар садади таъсиси замина барои сода кардани низоми додани раводиди бисёркарата ба муддати дароз барои шаҳрвандони Тоҷикистон аст.

Ба гуфтаи вай, аз ҷумла ин ба сафарҳои шаҳрвандони Тоҷикистон бо ҳадафҳои тиҷоратӣ ва барои дидорбинии наздикон дахл дорад.

Илова бар ин, Ван И зикр кард, ки ҷониби Чин омода аст лоиҳаҳои бузургро дар соҳаи нақлиёт ва иртибот бо дарназардошти ниёзҳои вокеии сафарҳои мутақобилаи шаҳрвандон ва инчунин афзоиши хатсайрҳои мустақим миёни ду кишварро амалӣ кунад.

Вай тавзеҳ дод, ки ҳоло дар Чин беш аз 5 ҳазор донишҷӯи тоҷик таҳсил мекунанд.

«Мо аз таҳсили шумораи ҳарчи бештари ҷавонони Тоҷикистон дар Чин истиқбол хоҳем кард»,- афзуд вазири корҳои хориҷии Чин.

### Си Ҷинпин ба Душанбе меояд

Ван И дар доираи сафар ба минтақаи Осиёи Марказӣ аз Тоҷикистон боздид намуда, масоили ҳамкориҳои дуҷониба, инчунин рафти омодагӣ ба сафари қарибулвуқуъи раиси Ҷумҳурии мардумии Чин Си Ҷинпинро ба минтақа баррасӣ кард. Вале вақти сафари Си Ҷинпин гуфта нашудааст.

## ЧИН ДАР ТОҶИКИСТОН НЕРУГОҲИ ОФТОБӢ МЕСОЗАД



**Рӯзи 21-уми май дар Душанбе мулоқоти Завқизода Завқӣ Амин, вазири рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон бо ҳайати мудирияти ширкати давлатии «China Pingmei Shenma Holding Group Co. Ltd»-и Чин, аз ҷумла бо Ли Мао, раиси ин ширкат баргузор гардид.**

Дар ин бора Вазорати рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон хабар дод.

Тибқи иттилои ин ниҳод, дар ин мулоқот Завқизода аз ширкати давлатии China Pingmei Shenma Holding Group Co. Ltd барои сармоягузорӣ ба истихроҷи ангишт ва газ, истеҳсоли панелҳои офтобӣ, бунёди корхонаҳои металлургӣ, маркази барқу гармидиҳӣ дар шаҳри Душанбе, маҷмааи нассоҷӣ ҷиҳати ба роҳ мондани коркарди нахи пахта то маҳсулоти ниҳоӣ, корхонаи доруsozӣ ва татбиқи дигар лоиҳаҳои сармоягузорӣ даъват ба амал овард, ки аз ҷониби дигар хуш пазируфта шуд.

Дар ин замина зикр мешавад, ки ширкати мазкур алакай ба бунёди неругоҳҳои офтобӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии «Панҷ» ва «Данғара» бо иқтидори 1000 мВт (400 млн доллар) ва лоиҳаи истихроҷ ва коркарди ангишти кони «Шӯроб» бо иқтидори солонаи истихроҷи 1 млн тонна ангишт бо коркарди минбаъдаи он ба маҳсулоти кимиёвӣ (60 млн доллар) оғоз намудааст.

Дар баробари ин дар доираи мулоқоти мазкур байни ҶДММ «Талант» ва ширкати давлатии China Pingmei Shenma Holding Group Co. Ltd.-и Чин дар заминаи ба кор андохтани фаъолияти истихроҷи кони ангишти «Шӯроб» карордоди ҳамкорӣ ба имзо расонида шуд.

Қобили зикр аст, ки ширкати давлатии China Pingmei Shenma Holding Group Co. Ltd. яке аз азимтарин гурӯҳи корхонаҳои истихроҷ ва коркарди ангишти энергетикӣ ва коксшаванда дар асоси технологияҳои «сабз» истеҳсоли маҳсулоти кимиёвӣ, аз ҷумла сахарини натрий, электродҳои графитии баландиқтидор ва хокаи майдаи карбиди кремний дар Чин аст.

Иқтидорҳои коркарди ангишт дар ин ширкат 70 млн тонна ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 200 млрд юан буда, аз рӯи ҳаҷми истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти кимиёвӣ дар Чин ва минтақаи Осиё мавқеи якумро ишғол менамояд.

## НАРХИ РАВОДИДИ ШЕНГЕН БОЛО МЕРАВАД

**Комиссияи Аврупо тасмим гирифт, ки нархи раводиди кӯтоҳмуддати Шенген (раводиди навъи С)-ро 12,5 дарсад афзоиш диҳад.**

Дар ин бора сомонаи Вазорати корҳои хориҷии Словения хабар додааст. Қоидаҳои нав аз 11-уми июни соли 2024 эътибор пайдо мекунанд. Нархи нави раводиди Шенген барои калонсолон (довталабони раводид аз 12-сола боло) 90 евро ва барои кӯдакони аз шаш то дувоздаҳсола 45 евро хоҳад буд. Барои кӯдакони то шашсола ройгон мебошад.

Дар айни замон маблағи раводид 80 евро аст.

Дар Тоҷикистон раводиди Шенгенро дар Сафорати Олмон дастрас кардан мумкин аст ва ҳуҷҷатҳоро маркази раводиди VisaMetric омода мекунад. Ҳангоми пешниҳоди ҳуҷҷатҳо довталабон инчунин маблағи хидматрасониро ба маблағи 295 сомонӣ пардохт мекунанд.

Маркази раводид хабар дод, ки бо афзоиши боҷи раводид, ҳаққи хидматрасонӣ низ афзоиш хоҳад ёфт. Арзиши нави хидматрасонӣ танҳо баъд аз 11-уми июн маълум хоҳад шуд.

## СОДИРОТИ МЕВА БА РУСИЯ ОҒОЗ ШУД

**Давоми як ҳафтаи охир беш 300 тонна зардолуи пешпазак аз ноҳияи Ашт ба кишварҳои Русия ва Қазоқистон содир шудааст.**

Соли ҷорӣ ҳосили зардолу фаровон буда, боғдорон азм доранд, ки таъминоти бозорҳои дохилӣ ва ҳам содирот ба кишварҳои хориҷӣ бо чунин навъ тармеваи пешпазакро бештар кунанд.

Сардори Раёсати кишоварзии ноҳияи Ашт Бахтиёр Усмонов гуфтааст, ки дар маркази ноҳияи Ашт равзанаи ягонаи амалиёти содиротӣ ва барасмиятдарории гумрукии маҳсулоти содиршаванда ташкил карда шудааст. Ин тасмим барои афзоиши суръати содироти тармева имконият фароҳам мекунад.

Ноҳияи Ашт яке аз калонтарин ноҳияҳои зардолупарвари шимоли Тоҷикистон маҳсуб меёбад, ки мавсими ғунучини тармева аз ҳама барвақт оғоз мешавад.



**Прокурори созмони ҷурму ҷинояти СММ аз Суди Гаага хостааст, ки барои ҳабси Бенямин Нетаняҳу, сарвазири Исроил ва се раҳбари ҲАМОС дастур диҳад. Йоав Галант, вазири дифои Исроил низ исмаш дар ин феҳраст аст.**

Прокурор гуфтааст, ки ин афрод дар ҳамла ба Исроил ва дар ҳамлаи ҷавобӣ ба навори Ғазза ҷинояти ҷангӣ содир кардаанд. Ӯ Яхё Синвор, раҳбари низомии ҲАМОС, Исмоил Ҳания, раҳбари сиёсии ин созмон ва Муҳаммад Диёб ал-Масрӣ, фармондеҳи дигари гурӯҳро низ ба ҷинояти ҷангӣ айбдор мекунад.



**Валерий Фадеев, раиси Шӯрои ҳуқуқи башар дар Русия пешниҳод кардааст, ки пӯшидани ҳиҷоб дар кишвараш манъ карда шавад.**

«Мехоҳам таваҷҷуҳи шуморо ба як мушкили дигар ҷалб намоям. Дар Русия пӯшидани либосҳои ҳиҷобе, ки чеҳраи занонро тамоман мепӯшонанд, иҷозат дода шудааст. Ин дар ҳолест, ки дар бархе аз кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳиҷоб мамнуъ аст",- гуфтааст Валерий Фадеев.



**Президенти Гурҷистон Саломе Зурабишвилӣ эълон кард, ки ба қонуни "агенти хориҷӣ" "вето" гузошт. "Ман ба "қонуни русӣ", ки ба сарқонуни кишвари мо ва меъёрҳои Аврупо мухолифат мекунад..., вето гузоштам",- эълон кард президент.**

Ин қонуни баҳсбарангезро рӯзи 14-уми май вакилони парлумон қабул карданд ва он боиси эътирозҳо дар кишвар шуд. Бино ба ин қонун, созмонҳои ғайридавлатӣ ва расонаҳое дар Гурҷистон "агенти хориҷӣ" эътироф мешаванд, ки бештар аз 20 дарсади даромадашон аз хориҷа аст. Норозиён онро тақлид ба қонуни "агентҳои хориҷӣ" дар Русия донистанд.

# МАРГИ ИБРОҲИМ РАИСӢ

## Суқуте, ки ҷаҳонро ба ларза овард



**Иброҳим Раисӣ - раисҷумҳури Эрон, Ҳусейн Амир Абдуллоҳиён - вазири умури хориҷӣ, Молик Раҳматӣ, волии устони Озарбойҷони шарқии Эрон ва Алӣ Ҳошим - оятуллоҳи устони Табрез дар пайи суқути чархбол ба ҳалокат расиданд.**

### 13 соат ҷустуҷӯ

Хабаргузории "Форс" номи ҳама ҳалокшудагони садамаи чархболро интишор кардааст: Оятуллоҳ Сайид Иброҳим Раисӣ, Оятуллоҳ Сайид Муҳаммад Алӣ Ҳошим, Ҳусейн Амир Абдуллоҳиён, Малик Раҳматӣ, Сардор Сайид Меҳдии Мусавӣ, Сарнишини чархбол, ёвари сарнишин, ду ҳамроҳи дигар, ки шахсияташон номаълум аст.

Ёдовар мешавем, ки чархболи Иброҳим Раисӣ 19-уми май дар як минтақаи кӯҳистонӣ дар наздикии марзи Эрон бо Озарбойҷон суқут кард. Раисӣ аз вилояти Озарбойҷони шарқии Эрон, дар марз бо Ҷумҳурии Озарбойҷон бармегашт. Ӯ дар он ҷо ҳамроҳ бо Президенти Озарбойҷон Илҳом Алиев дар маросими ифтитоҳи сарбанди дарёи Аракс ширкат дошт.

Дар робита ба марги Иброҳим Раисӣ ва ҳайати ҳамроҳи ӯ дар ҳашт кишвар мотам эълон шудааст, аз ҷумла дар Ҳиндустон, Ирок, Лубнон, Покистон, Сурия ва Туркия.

Иброҳим Раисиро рӯзи 23-юми май дар зодгоҳаш Машҳад ба хок месупоранд.

### Раисӣ ва Тоҷикистон

Дар Тоҷикистон аксаран аз замони раҳбарии Иброҳим Раисӣ ба хубӣ ёд мекунанд ва аксарият бар онанд, ки маҳз пас аз президент интихоб шудани ӯ муносибати Душанбе бо Теҳрон хуб шуд.

Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Тоҷикистон низ дар паёми таслияти хеш ба унвони Оятуллоҳ Сайид Алӣ Хоманаӣ, раҳбари олии Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Муҳаммад Мухбир, муовини аввали раисҷумҳури Эрон ба ин нукта ишора кардааст: "Мо ба шахсияти Сайид Иброҳим Раисӣ ҳамчун арбоби барҷастаи давлатӣ арҷ мегузорем, саҳми созандаи зиндаёдро дар рушду нумӯи ҳамкориҳои муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкориҳои судманди Тоҷикистону Эрон, ҳалли масъалаҳои минтақавию байналмилалӣ баланд арзёбӣ менамоем".

Гарчанде дар Тоҷикистон расман рӯзи мотам эълон нашудааст, вале ба ҳамаи шабакаҳои телевизион ва радиои давлатӣ дастур дода шудааст, ки дар муддати ду рӯз аз намоиши барномаҳои фароғатӣ худдорӣ кунанд. Ҳамчунин, дар робита ба марги Президенти Эрон ва ёронаш барномаи консертии гурӯҳҳои «Хор Турецкого» «SOPRANO» лағв гардиданд.

Илова бар ин, Президенти Тоҷикистон шахсан барои ширкат дар маросими ҷанозаи Иброҳими Раисӣ ба Теҳрон сафар кард.

### Иброҳим Раисӣ кӣ буд?

Оятуллоҳ Саид Иброҳим Раисӣ соли 1960 дар Машҳад ба дунё омадааст. Ибтидо дар зодгоҳ ва сипас дар мадрасаи Қум зери сарпарастии Оятуллоҳ Алии Хоманаӣ улуми динӣ ва ҳуқуқи исломиро аз бар кардааст.

Ӯ солҳои тӯлонӣ дар мансабҳои калидӣ дар низоми додгоҳу додситонии Эрон кор кард. Аз соли 1989 додситони Теҳрон ва соли 2014-ум Раисӣ додситони кулли Эрон интихоб буд. 2 сол раҳбарии Бунёди "Остони қудси разавӣ", яке аз муассиртарин ва сарватмандтарин хазинаҳои хайрияи Эронро ба дӯш дошт. Соли 2021 дар интихоботи президентӣ пирӯз шуд.

Коршиносон пешбинӣ мекарданд, ки Раисӣ раҳбари ояндаи рӯҳонӣ дар Эрон интихоб мешавад. Ӯ оиладор ва соҳиби ду духтар буд.

### Ҷойгузини раисҷумҳур ва вазири умури хориҷӣ

Пас аз марги Саидиброҳим Раисӣ, раисҷумҳури Эрон ва Ҳусейн Амир Абдуллоҳиён, вазири умури хориҷии ин кишвар, иҷрокунандагони ин ду маснад муайян гардиданд.



**Муҳаммад Мухбир**, муовини аввали раисҷумҳур иҷрокунандаи вазифаи президенти Эрон шуд.



**Алӣ Боқирӣ**, ёвари вазири корҳои хориҷӣ иҷрокунандаи вазифаи вазири умури хориҷии Эрон таъйин гардид.

Ҳамакнун, тибқи қонуни асосии Эрон ҳайати муташаккили давлатӣ иборат аз раиси маҷлис, раиси қувваи қазоия ва муовини аввали раисҷумҳур муваззафанд, ки ҳадди аксар дар зарфи 50 рӯз интихоботи раисҷумҳури ҷадидро баргузор кунанд.

### САРВАРОНИ КИШВАРҲОЕ, КИ ДАР НАТИҶАИ СУҚУТИ ҲАВОПАЙМО БА ҲАЛОКАТ РАСИДААНД

**Марги раисҷумҳури Эрон Иброҳим Раисӣ бар асари суқути чархбол ҷомеаи ҷаҳонро ба ларза овард.**

Дар зеҳни бисёриҳо суоле чарх мезад: "Чӣ тавр?". Зеро марги роҳбари як давлат дар садама ё сонеҳа қариб тасаввурнопазир аст.

Вале дар таърих чунин воқеаҳо низ рух медиҳанд. Раисӣ ягона президент нест, ки риштаи умраш дар пайи суқути чархбол ё ҳавопаймо канда шудааст. Биёед ба таърих назар мекунем.



*10-уми апрели соли 2010. Ҳавопаймои Ту-154 М ҳангоми фуруд дар Смоленск суқут кард ва ҳамаи 96 нафаре, ки дохили он буданд, бо шумули президенти Лаҳистон Лех Качинский ба ҳалокат расиданд.*



*26-уми феврали соли 2004 ҳавопаймое, ки дохили он президенти Мақдуния Борис Трайковский қарор дошт, дар наздикии шаҳри Мостараи Босния суқут кард.*



*Соли 1981 суқути ҳавопаймо ҷони роҳбари Панама - генерал Умар Торрихосро гирифт.*



*Соли 1983 президенти Эквадор Хайме Ролдос Агилера низ бар асари садамаи ҳавопаймо даргузашт.*



*Соли 1986 ҳавопаймое, ки дар он президенти Мозамбик - Самора Машел қарор дошт, суқут кард.*



*Соли 1969 дар пайи суқути ҳавопаймо президенти Боливия - Рене Баррентос Ортуно ба ҳалокат расид.*

# АЗ КОРКАРДИ ПАХТА ТО ИСТЕҲСОЛИ РАВҒАН

## Форуми соҳибкории Тоҷикистону Озарбойҷон чӣ натиҷа дод?

**Тоҷикистону Озарбойҷон талош доранд, ки ҳамкориро дар самтҳои муҳим, аз қабили истихроҷи маъдан, коркарди пахта, истеҳсоли равған ба роҳ монанд. Дар доираи форуми соҳибкории ду кишвар, ки 20-уми май дар шаҳри Боку баргузор гардид, 8 санад ба имзо расидааст.**




### $700 миллион бастаи созишномаҳо

Гуфта мешавад, ки ин форум бо мақсади рушди ҳамкории дуҷонибаи иқтисодӣ ва сармоягузории Тоҷикистону Озарбойҷон, таҳкими шарикии тиҷоратию иқтисодӣ ва татбиқи лоиҳаҳои муштарак гузаронида шуд. Дар он роҳбарони вазорату идораҳои дахлдори Тоҷикистон ва Озарбойҷон, соҳибкорон ва роҳбарони ширкатҳои марбут ба кишоварзӣ, саноат, нақлиёт ва саноати коркард иштирок намуданд. Аз ҷумла, Шералӣ Кабир, вазири саноат ва технологияҳои нав, Султон Раҳимзода, раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва дигар намояндаҳои блоки иқтисодии кишвар дар ин форум ҳузур доштанд.

Бино ба итилои Вазорати саноат, дар форум байни Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Талко»-и Тоҷикистон ва Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Азералюмин»-и Озарбойҷон Ёддошти тафоҳум ба имзо расид. Байни Корхонаи воҳиди давлатии «Тоҷагропромэкспорт» ва Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Корпоратсияи саноатии Озарбойҷон» Созишнома оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи савдои мутақобила ба имзо расид. Илова бар ин, байни Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Лесинвест» (Тоҷикистон) ва Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Корпоратсияи саноатии Озарбойҷон» дар соҳаи фурӯши равғани пахта ва табодули таҷриба дар соҳаи истеҳсоли нассоҷӣ, байни Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Водии Заррин» (Тоҷикистон) ва Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Корпоратсияи саноатии Озарбойҷон» дар соҳаи пахтакорӣ, коркарди пахтаи хом ва истеҳсоли нассоҷӣ, байни Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Мармарӣ» (Тоҷикистон) ва Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Корпоратсияи саноатии Озарбойҷон» дар соҳаи пахтакорӣ, аз ҷумла коркарди тухмии пахта, байни Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Сирдарё» (Тоҷикистон) ва Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Корпоратсияи саноатии Озарбойҷон» дар соҳаи амалиёти содироту воридот, байни ширкатҳои «Боллуг» (Тоҷикистон) ва «Ганҷ 2000» (Озарбойҷон) оид ба ҳамкорӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ, байни ширкати «Оби Файзобод» (Тоҷикистон) ва ширкати «Universal Trade» (Озарбойҷон) созишномаҳо ба имзо расиданд.

Тавре маълумот пайдо кардем, бастаи созишномаҳо 700 миллион долларро фаро мегирад.

### Шералӣ Кабир ва Микаил Ҷабборов чӣ гуфтанд?

Микаил Ҷабборов, вазири иқтисоди Озарбойҷон дар ҳамоиши соҳибкорон таъкид кардааст, ки иродаи сиёсии сарони давлатҳо ва равобити дӯстона дар густариши равобити ҳамаҷониба нақши муҳим дорад. “Кишварҳои мо ҳам дар чаҳорчӯби дуҷониба ва ҳам дар чаҳорчӯби созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ ҳамкорӣ мекунанд”,- иброз доштааст ӯ.

Бино ба маълумоти расида, дар моҳҳои январ-апрели соли 2024 гардиши мол байни Тоҷикистону Озарбойҷон 78% афзоиш ёфтааст. Вазири иқтисоди Озарбойҷон ба ин бовар аст, ки барои афзун гардонидани ин нишондиҳанда имкониятҳои калон мавҷуданд. Махсусан, барои татбиқи лоиҳаҳои якҷоя дар соҳаҳои саноат, металлургия, маъдани кӯҳӣ имконият зиёд аст.

Шералӣ Кабир, вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон баргузории чунин форуму чорабиниҳоро бо иштироки сохторҳои соҳибкорӣ барои роҳандозии ҳамкориҳои муассир миёни доираҳои соҳибкорӣ муҳим арзёбӣ намуд. Ба таъкиди ӯ, Тоҷикистон ва Озарбойҷон имкони афзоиши гардиши молро доранд.

Шералӣ Кабир гуфт, ки «Тоҷикистон ба рушди ҳамкориҳо бо Озарбойҷон дар бахшҳои гуногун манфиатдор аст. Мо ба ширкатҳои озарбойҷонӣ лоиҳаҳоро барои татбиқ пешниҳод мекунем ва умедворем, ки дар натиҷаи бизнес-форум тавофуқ ҳосил мешавад".

### $6 миллион гардиши тиҷорат

Бино ба маълумоти Кумитаи давлатии гумруки Озарбойҷон, табодули коло миёни Озарбойҷон ва Тоҷикистон дар соли 2023 ба 6 миллиону 127 ҳазор доллар расидааст, ки нисбат ба соли 2022 (5 миллиону 949 ҳазор доллар) 2,98 дарсад бештар аст.

Ҳоло ҷониби Тоҷикистон ва Озарбойҷон талош доранд, ки ҳаҷми гардиши тиҷоратро бештар намоянд.

Коршиноси умури иқтисодӣ Аброр Мирсаидов мегӯяд, ки дар Тоҷикистон барномаи саноатикунонии босуръат идома дорад ва Озарбойҷон, ки дар ин самт таҷрибаи бой дорад, таъсиси корхонаҳои муштарак ба манфиати ҷонибҳост.

“Инфрасохтори Озарбойҷону Тоҷикистон ба ҳам монандӣ дорад. Дар истихроҷи маъдан, рушди соҳаи кишоварзӣ, энергетика ду кишвар метавонанд лоиҳаҳои муҳимро тадбиқ кунанд. Аз нигоҳи фарҳангу адабиёт низ ду кишвар наздикӣ доранд”,- гуфт Аброр Мирсаидов.

Бояд гуфт, ки муносибатҳои дипломатӣ миёни Тоҷикистон ва Озарбойҷон моҳи майи соли 1992 барқарор шуданд. 22-юми марти соли 2007 Озарбойҷон дар шаҳри Душанбе ва 23-юми марти соли 2008 Тоҷикистон сафоратхонаи худро дар шаҳри Боку боз карданд.

То имрӯз байни Тоҷикистон ва Озарбойҷон беш аз 60 санади дуҷониба ба имзо расидаанд. Яке аз ҳуҷҷатҳои асосӣ Аҳдномаи дӯстӣ ва ҳамкорӣ байни Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Озарбойҷон аз 16-уми марти соли 2007 ба ҳисоб меравад.

**Усмон РАҲИМЗОДА**



**Бо ташаббуси шаҳрдории Душанбе дар пойтахт 4 хатсайри нави сайёҳии дохилишаҳрӣ боз мегардад, ки тавассути автобусҳои дуқабата равуо мекунанд.**

Ба иттилои шаҳрдории пойтахт, хатсайрҳои нав бо мақсади рушди соҳаи сайёҳӣ, муаррифии имконияту зарфияти сайёҳии пойтахт, ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадами барномаҳои сайёҳӣ барои пешкаш намудани маҷмуи хизматрасониҳои сайёҳӣ ба меҳмонон ифтитоҳ карда мешаванд.



**Дар Душанбе дар чорроҳаи кӯчаҳои С. Шерозӣ ва Ҳ. Шерозӣ бо пайвастшавӣ ба кӯчаи А. Қаҳҳоров роҳи дуошёна сохта мешавад. Дар ин бора рӯзи 29-уми апрел бо Бонки Аврупоии Бозсохт ва Рушд созишнома ба имзо расид.**

Гуфта мешавад, ки ҳадаф аз бунёди гузаргоҳ таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳҳо ва пиёдагардон дар дохили шаҳр ва коҳиши мизони роҳбандӣ дар чорроҳаи ин кӯчаҳо мебошад. Маблағи созишнома 28 миллиону 450 ҳазор евро буда, маблағгузорӣ аз ҳисоби маблағҳои қарзии БАТР сурат мегирад.



**18-уми май дар Душанбе ҳуқуқшиноси маъруф, мушовири собиқи президент ва раиси пешини Ҳизби сотсиал-демократи Тоҷикистон Раҳматилло Зоиров дар синни 67-солагӣ даргузашт.**

Ӯ 16-уми марти соли 1957 дар шаҳраки Боғистони вилояти Тошканди Ӯзбекистон ба дунё омада, хатмкардаи Донишгоҳи ҳуқуқи шаҳри Харков (1983), Академияи ҳуқуқи шаҳри Киев (1986) ва Донишгоҳи марксизм-ленинизми назди ҲК ИҶШС (1988) буд. Як муддат устоди донишгоҳ буд. Соли 1998 ҳизби “Адолат ва тараққиёт”-ро поягузорӣ намуд, ки баъдтар ба Ҳизби сотсиал-демократи Тоҷикистон табдили ном кард.

# ҲЕҶ ГАНҶЕ НЕСТ АЗ ФАРҲАНГ БЕҲ



**Бузургтарин эҷодкори таърих инсон аст. Маҳз ӯ созандаи дунёи мутамаддин мебошад. Агар масъаларо ба тарзи умда баррасӣ кунем, ҳатто худи инсон тасаввуротро дар бораи қувваҳои фавқуттабиат ба вуҷуд оварда, онро ҷону руҳу тан бахшидааст. Худи одамӣ аз номи ин қувваҳо инсонро бо ҳар тариқе, бо ҳар ривояте, бо ҳар афсонае «тавлид» карда ва то ҳозир худ пайбанди онҳо мебошад.**

Ин қабил одамон омодаанд ҳамарӯза маънавиёт, молу ҷон ва ҳастии худро нисор кунанд. Манзалати таърихиву муосир, дастовардҳо, манфиатҳои миллӣ, баъзан, ҳастии миллатро зери суол баранд.

**Одамизод, бешубҳа, ҷузъи табиат, бузургтарин офаридаи он аст. Майнаи инсон олитарин шакли материяи ҳастӣ, натиҷаи эволютсияи табиат, ҷамъият ва тафаккур махсули тавлиди миллионсолаҳост.**

Ҷараёни аз одам сохтани инсони созанда, харакати абадӣ ва беохири ҷомеаи башарӣ ба сӯйи зиндагии шоиста буд, ҳаст, мемонад. **Дар ин раванд оила, муҳити маънавӣ, мактабу маориф, бо як ибора - муносибатҳои ҷамъиятӣ нақши муҳим, созанда, асосӣ, муайянкунандагӣ, ҳалкунанда ва қонунмандӣ доранд.**

Вақте сухан дар бораи коргоҳи офариниши инсон меравад, бидуни шак, фақат шахсиятҳои донишманд, масъул ва соҳибидро сабабгори сохтани одамони асил мегарданд.

Тасаввурот дар бораи маълумоти олӣ ҳам аз лиҳози меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ҳам бархӯрду интизориҳои анъанавӣ - ноил гаштан ба дараҷаи баланди илму маърифати замонавӣ дар соҳаи муайян мебошад.

Яъне инсон бо азхуд кардани илму таҷриба дар самти интихобнамуда, аз пешоҳангони касби худ эътироф мешавад.

**Донишгоҳҳо ҳам фақат замоне дар ҷомеа соҳибэътибор ва муассир мегарданд, шуҳрат пайдо мекунанд, агар онҳо дар ҷараёни мураккаби таълим устодон - олимони фаъолиятшон бо амалия пайваста дошта бошанд. Бо шумули чунин шахсиятҳо муассисаи илмӣ-таълимӣ як ҷузъи ояндасоз, муҳим ва пурсамари мамлакат мегардад.**

Донишгоҳи Кӯлоби солҳои хафтодум бо чунин устодон маъруф буд. Яке аз шахсиятҳои муътабари замон муаллим Қаюм Сангов ба шумор мерафт. Ӯ аз фанни методикаи таълими забони модарӣ дарс мегуфт.

Дар дарсҳо Қаюм Сангов хотиррасон мекард, ки донишҳои инсонӣ хосияти системавӣ - занҷирӣ доранд. Одам наметавонад ҳамадон бошад. Аммо **«Касе, ки фақат химияро медонад, ӯ химияро ҳам намедонад».** Барои ҳамин таъкид менамуд, ки мутахассис мебояд илмҳои мансуб ба хешигарии марбут ба касбияташро дар дараҷаи баланд донад.

Мо дар солҳои таҳсил ба ин андеша бовар ҳосил кардем. Муаллимони мо, ки аз забоншиносӣ, назарияи адабиёт ва аз дигар фанҳо дарс мегуфтанд, на танҳо ихтисоси худ ва фанҳои дар алоқамандӣ қарордошта бо онҳоро ба навъи аҳсан медонистанд, балки аз нозукиҳои этимология, семантика, забоншиносӣ, забоншиносии муқоисавӣ, лексикологияи забонҳои гурӯҳҳои ҳиндуаврупоӣ, таърих, асосҳои фалсафа, психология ва дигар фанҳои гуманитарӣ хуб бахравар буданд. Барои далелнокии сухан ба ин донишҳо такя мекарданд. Далел ва мисолҳои мувофиқ меоварданд. Шогирдхоро ба моҳияти масъала муътақид мегардонданд.

Мо ин сифатҳоро дар тарз, усул, муҳтавои дарсҳои ва шахсияти муаллим Қаюм Сангов хуб эҳсос мекардем.

Азбаски ихтисоси асосии муаллим Сангов луғатшиносӣ, ё ки тафсир намудан, дарк кардан ва тарзу усули фахмонидани маънӣ, мафҳум ва мантиқи калима, истилоҳ ва иборахо буд, ӯ аз методу усулҳои этимологӣ, семантикӣ, полисемӣ, таърихӣ, муқоисавӣ, муқоисавӣ-таърихӣ, типологияи фонетикӣ ва дигарҳо хуб истифода мекард.

Иқтибоси дӯстдоштаи ӯ буд аз олимони энсиклопедист: **«Дар бораи гап, сухан баҳс кардан, албатта, кори хирадмандон нест. Мо бояд ба дарки мафҳум, истилоҳ, категорияҳо ва дефинитсияҳо бирасем. Агар майли баҳс ва муайян кардани ҳақиқат ва воқеиятро дошта бошем».**

Аз натиҷагирии ин тавсия мо донишҷӯён чунин хулоса мебаровардем: **Сухан на дар шакли хабар, иттилоъ, овозаи гаразнок, балки ҳангоми фаҳмо шудани муҳтавои он, ки фақат дар ин асос вазни ҳарф судманд, далелнокӣ арзишманд, сифати муқоисавӣ бегазанд, қалъаи андеша зӯрманд мешавад ва собит мегардад, манзалати муҳокимавӣ ва тасмимгирӣ касб мекунад. Чунки дар ин сурат, ҳақиқат, сарфи назар ба фоидаи кӣ буданаш, равшан мегардад. То сухангӯ дар анҷуман хор нашавад. Масъул хиҷолатзада намонад.**

Дарсҳои муаллим Қаюм Сангов як навъ раванди муташаккили идорашаванда, ба нияти аз худ кардани донишҳо, малака ва касбият, инкишофи ҷаҳонбинии илмӣ, тавоноии маънавӣ, коркард ва тақвияти бахшидани афкори донишҷӯ дар самти андешаи мустақилонаи суханшиносӣ буданд.

Ӯ ҷараёни дарсро мақсаднок ва ҷолиб мегузаронд. Шогирд бовар ҳосил мекард, донишҳое, ки устод барои аз худ кардани онҳо заҳмат мекашад, на танҳо барои муаллими забон ва адабиёт кумак мекунанд, балки мутахассисони соҳаҳои муҳандисӣ, табибон, риёзидонон, умуман мардуми соҳибзабон ба онҳо ниёзманданд. Дар касби онҳо низ муҳим ва судманд, усули хуби аз худ кардани воқеияти ҳастӣ мебошад.

Устод дар бораи фонди луғавӣ ва таркиби луғавии забони тоҷикӣ сухан ронда, таъкид мекард, ки соҳибзабон дар байни даҳҳо ҳазор калима бояд моли худро бишиносад. Онро аз дигарон фарқ карда тавонад.

Яке аз дарсҳои хотирмони муаллим Сангов бештар дар ёдам мондааст. Он даҳсолаҳо барои мо ҳамчун одитарин мисоле ба шумор меравад, ки худамон муваффақона истифода мекунем. Бо ифтихор ба шогирдон меомӯзем. Агар лозим ояд, ба дӯстон ва ҳамкасбон ҳам мефаҳмонем.

Гап дар бораи шинохти усулии калимаҳои арабӣ дар таркиб ва фонди луғавии забони адабии хозираи тоҷикӣ меравад.

Албатта, дар ин маврид сухан дар бораи кишваркушоӣ ва ба тааҷҷуб андохтани хонанда нест. Шояд дар алоҳидагӣ онро мо ҳам донем. Аммо муаллим Сангов бо як усули ба худ хос мефаҳмонд, ки зиёда аз бист фоизи фонди луғавии забони тоҷикиро калимаҳои арабӣ ташкил мекунанд. Аломатҳои ин калимаҳо зиёданд. Лекин усули маъмулӣ ва хеле осони шинохти онҳо асосан аз шаш унсур иборат мебошад:

1. Калимаҳое, ки аломати сакта - ъ (ъайн) доранд, арабиасос ҳастанд: маълум, таъйин, фаъол, маъсум, ашъор ва ғайра.

2. Калимаҳое, ки префикси му-; ма-; та-; то- доранд: *муаллим, муомила, муколама, муҳокима, мактаб, мансаб, манзил, талаба, толиб* ва монанди инҳо.

3. Суффикси ҷамъбандии -от, -ёт гирифтани калимаҳо: *ҷавоҳирот, атриёт, хафриёт, кашфиёт ва ғ.*

4. Шакли ҷамъбандии арабӣ гирифтани калимаҳо: *ахбор, анвор, аъзо, анвоъ* ва монанди инҳо.

5. Бо роҳи флексияи дохилӣ ва берунӣ тағйир ёфтани шакли калимаҳо: *илм, олим, улум, муаллим, таълим; хабар, ахбор, мухобира, мухбир; китоб, котиб, мукотиба, мактуб ва ғайра.*

6. Тавассути ихтисор кардани префикс, суффикс ва хат задани садонокҳо муайян кардани мансубияти решагии калима: *муҳосира (ҳср) - ҳисор; манзур (нзр) - назар; мансубият (нсб) - насб; мафҳумот (фҳм) - фаҳм ва ғайра.*

Дар замоне ки мо дар донишгоҳи Кӯлоб таҳсил мекардем, номзади илми иқтисод Хушвахтов Икбол Давлатович, зодаи ноҳияи Рӯшони Бадахшон ректор буд. Албатта, дар пайравӣ ба ин шахсият, ки садоқатмандона заҳмати раҳбарӣ мекашид, бародарони бадахшонитабор ҳам барои таҳсил ба ин боргоҳи маърифат меомаданд.

Аз ҷумлаи онон ман ду донишҷӯро мешинохтам. Баъдан, бо амри тақдир бо Давлатов Пайшанбе воҳӯрдам. Бо ҳам эҳсоси рафоқат, дӯстӣ ва бародарӣ пайдо кардем.

Албатта, мавзуи бештари суҳбати мо, пеш аз ҳама, дар атрофи давраи донишҷӯӣ, ёди донишгоҳ ва устодон буд.

Боре Пайшанбе суханро дар бораи муаллимони номдори факултет Иззатулло Тамлихоев ва Қаюм Сангов оғоз кард. Дар бораи хотироти ниҳоят кавӣ, донишҳои воқеан, илмии муаллим Тамлихоев ёдовар шуда, Давлатов гуфт:

- Муаллим Тамлихоев устоди нотакрори соҳаи забоншиносии тоҷик буд. Ба дарс бо тайёрии намунавӣ меомад. Ҳеҷ вақт дар даст коғазу дафтар намеовард. Дар чанд гурӯҳе лексия хонад, медонист, ки охирон бор дар кадом дарс, дар кадом ҷумла нуқта гузоштааст. Ва бидуни иштибох, хониши навбатиро бо ёдоварӣ аз хамон ҷумла оғоз мекард. Муаллими дақиқкор ва поксиришт, хушсухан ва озодарафтор буд.

- Ҳамзамон,- гапашро давом дода гуфт Пайшанбе,- ба ёди ман бисёр хотираҳо аз муаллим Қаюм Сангов мондааст. Аз тамоми дарсҳои эшон лаҳзаеро дарёфт кардан мушкил буд, ки он аз доираи мавзуъ берун бошад.

Маълум аст, ки ду қабил одамон ниҳоят ҳушёр, зирак, борикбин ва мушоҳидакоранд. Ва бардошти худро якумр дар хотираашон нигоҳ медоранд: шогирдон ва зердастон.

Барои ҳамин, муаллимон ва умуман нафароне, ки ҳатто ба як кас ҳуқуқи роҳнамоӣ ва роҳбариро доранд, мебояд ин масъулиятро батамом эҳсос кунанд ва риоя намоянд.

Албатта, ин сухани нав нест. Дар эҷодиёти халқ ва адабиёти бадей ҳам дар мавриди зикргардида садҳо, ҳазорҳо мисол ҳаст. Ҳатто зарбулмасали машҳури **«Ба гуфти мулло кун, аммо ба кардааш не»**, аз бозигарӣ ва дурӯягии абадии ичтимоии ин тоифа шаҳодат медиҳад.

Фаромӯш набояд кард, ҳатто шогирдоне, ки ҳавсалаи аз худ кардани дарсҳои маъмулиро надоранд ва зердастоне, ки дар ҳамин дараҷаи инкишоф ҳастанд, одитарин хато ё афзалияти муаллим ва раҳбари худро мушоҳида мекунанд. Солҳо дар хотир нигоҳ медоранд.

Дар бисёр ҳолат, табиат одамро аз лиҳози ботинӣ мутаносиб ба он шакли зоҳирӣ ва мутобиқ ба он касбият ва дараҷаи маърифат меофарад. Ин хосият ба шахсиятҳои бузург бештар мувофиқ меафтад.

Муаллим Сангов қаду баст ва чеҳраи хотирмон дошт. Қомати миёна, чеҳракушод, чашму абрӯи сиёҳ, нигоҳҳои ҷолиб ва моил ба дарки майли одамӣ ва омодагии дастгирӣ, оромтабиат, дар интихоби калима ва ибороти сухан ниҳоят эҳтиёткор. Дар харакатҳо ҳам аз худ шитобкорӣ нишон намедод.

Ӯ ба тарзи либоспӯшии худ таваҷҷуҳи махсус мекард. Одатан шиму костюми расмии «муаллимӣ» - сиёҳ ё хокистарранг, куртаи сафед, гарданбанди мувофиқ, кафши мувофиқ ба сарулибос мепӯшид.

Дар хиёбон, дар беруни донишгоҳ ӯро фақат дар даст китоб ё рӯзнома дидан мумкин буд. Гӯё ки як зиндагии «аз рӯйи қоида» дошт.

Яке аз ҳамкурсони мо, воқеан, «муҳаққиқ»-и тарҷумаи ҳол ва рӯзгори муаллимон буд. Шӯхиомез баъзеи онҳоро дар гуфтору рафтор тақлид ҳам мекард.

Омӯзгорони алоҳидаро пойида, мехост дар бораи рафтору хулқу атвори онон берун аз дарс ҳам маълумот дошта бошад. Ин ҳама, асосан, аз рӯйи муҳаббат ва кунҷковии шогирдона буд.

Муаллимон, устодони бузург ба донишҷӯён мисли муъҷиза менамуданд. Ҳамаи мо мехостем дар бораи саҳифаҳои норавшани зиндагиномаи ин нобиғаон бисёртар донем.

Як рӯз ҳамсабақи зираки мо ҳангоми суҳбат дар бораи муаллим Сангов хабар овард, ки устод дар хонаи аз падараш мондагӣ, дар лаби сангов умр ба сар мебарад. Он мавзеъ дар қисмати шарқии шаҳр дар масофаи тақрибан чор-панҷ километр аз донишгоҳ дуртар ҷойгир ва хеле хоксорона будааст.

Аҳли оилаи Санговҳо дар ҷойи зист ҳамчун оилаи соҳибмаърифат ва китобдӯст муаррифӣ мегаштаанд. Муаллим Сангов одат доштааст, ки ба ғайр аз шуғли дарсгӯӣ, кори кафедра ва мутолиаи зиёд дар китобхона, ҳар ҳафта як маротиба рӯзҳои ҷумъа ба кинотеатри марказии шаҳри Кӯлоб рафта, як филми навро тамошо кунад.

Ин кор то дараҷае маъмулӣ будааст, ки хазинадори кинотеатр, сарфи назар барои он филм чӣ қадар довталаб бошад ё не, дар қатори чордаҳум курсии бисту панҷумро ба хотири муаллим Сангов нигоҳ медоштааст. Аммо рӯзе намешудааст, ки омӯзгори хушсалиқа ва дақиқкор аз речаи ҳафта, ки барои маърифати як шахси зиёӣ зарур аст, дер монад.

Ҳамин тариқ, ҳаёти ин марди хирад, устоди соҳибмактаб як тарзи зиндагии доимии ба меъёр даровардашударо мемонд. Ва албатта, ӯ муътақид буд, ки танҳо тавассути истифодаи дуруст ва мақсадноки вақт, шахс ба зинаи камолот мерасад. Доимо дар даст доштани маводи мутолиа, масири ҳаракат - коргоҳ, китобхона, муассисаи фарҳангӣ як навъ нишонаи ташаккули шахсияти муаллим ва огоҳии рӯзмарраи ӯ аз илму маърифат буд.

Муаллим Сангов ба нутки хаттӣ ва шифоҳии шогирдон таваҷҷуҳи хосса зоҳир мекард. **Таъкид менамуд, ки яке аз шуғлҳои марказии инсон гуфтан ва шунидан аст. Агар шуур нишонаи ягона ва сифати муайянкунандаи инсон бошад, он, пеш аз ҳама, тавассути нутқ ифода меёбад. Бояд корро тарзе ба роҳ монд, ки сухан на ба тарзи пароканда, бидуни пайдарҳамӣ, балки боандеша ҳамчун маҳсули воқеии тафаккур ва нишонаи аслии маводи олии табиат - майна бошад. Таъкид месохт, зарур аст, ки омӯзгор нутқи равон, зебо, фаҳмо, равшан ва таъсирбахш дошта, ҳамин сифатҳоро ба шогирдони худ омӯзад ва аз онҳо ин авлавиятҳоро талаб кунад.**

Ҳамзамон бо донишмандӣ ва сахтгирӣ, муаллим Қаюм Сангов ниҳоят шахси фурӯтан, заҳматкарин, хоксор, некниҳод ва поксиришт буд. Аз худ намунаҳои олии рафторҳои инсонӣ нишон медод.

**Устоди ҳақиқӣ онест, ки шогирдон тавонанд намунае аз маърифат ва маънавиёти поку заминии ӯ барои нафъи Ватан дар зиндагии ҳамарӯза истифода намоянд.** Чунин намунаҳо аз муаллим Сангов ҳазорҳост.

**С. ЯТИМОВ**

# ҶАВОНИ ТОҶИК ДАР ФИЛМҲОИ ТУРКӢ

## Шердил чӣ тавр ба "Империяи Усмонӣ" роҳ ёфт?

**Солҳои охир силсилафилмҳои туркӣ дар Тоҷикистон бинандагони сершумор доранд. Бо вуҷуди он, ки бархе аз коршиносонро маҳбубияти филмҳои туркӣ дар Тоҷикистон нигарон кардааст, вале воқеият чунин аст. Илова бар ин, солҳои охир бозигарони тоҷик дар филмҳои туркӣ низ зиёд мешаванд. Яке аз онҳо Шердил Каримов аст, ки бо ӯ ҳамсуҳбат шудем.**







**- Шердил, ба хонандагони мо дар бораи худ чанд ҳарф бигӯед.**

- Баъди хатми мактаби миёна бо маслиҳати падар ва тавсияи устодон ҳуҷҷатҳоямро ба яке аз донишгоҳҳои кишвар супоридам. Вақте дар Душанбе таҳсил мекардам, як муддат дар самти журналистика фаъолият кардам. Дар Ватан корхоям нағз пеш мерафт. Вале бо мақсади идомаи таҳсил, яъне ба дунболи орзуҳоям ба Туркия омадам.

**- Ба синамои турк чӣ тавр роҳ ёфтед?**

- Бисёр тасодуфӣ, гарчанде ман аз хурдӣ ба синамо завқ доштам. Дар аввал ба Туркия барои таҳсил омадам. Мехостам таҳсилро дар зинаи магистратура идома диҳам, вале натавонистам аз донишгоҳҳои ин кишвар бурсия бигирам. Рӯзе дар Facebook ба як эълон вохӯрдам, ки нафарони хоҳишмандро барои нақшофарӣ ба филмҳо даъват мекард. Бахти худро санҷидам ва муваффақ шудам, вале нарафтам. Зеро бо чанд мушкили оилавӣ аз Туркия ба Русия рафтам. Вале ду моҳ қабл дубора ба инҷо бозгаштам ва фаъолияти худро пурра дар самти синамо шурӯъ кардам. Дар Туркия очонсиҳое ҳастанд, ки бо ҳунармандон шартнома мебанданд. Филмофарон бошанд, барои дарёфти ҳунармандони мувофиқ ба ин очонсиҳо муроҷиат мекунанд. Ҳоло ман бо се очонсӣ ҳамкорӣ дорам. Дар силсилафилмҳои "Империяи Усмонӣ","Салоҳиддин Аюбӣ", "Бародарон" ва "Сафари ишқ" нақш бозӣ мекунам.

**- Оё дар Тоҷикистон ҳам кӯшиши нақшофарӣ дар филмҳоро карда будед?**

- Дар Тоҷикистон бештар ба театр мерафтам ва як муддат ҳамчун ташкилотчӣ бо Театри Лоҳутӣ низ ҳамкорӣ доштам. Соли 2017 дар як филми тарбиявии тоҷикӣ, ки "Ҳамсинфон" ном дошт, нақш бозидам. Ин филмро бунёдгузори Театри "Афсона" устод Асомиддини Бекназар ба навор гирифтанд. Як маротиба дар кинотеатри "Ватан" ба намоиш гузошта шуд. Вале дигар барои пахши он маблағ пайдо нашуд. Ҳамин гуна ба олами синамои тоҷик ворид нагардида, берун шудам.

**- Агар аз ҷониби синамогарони тоҷик пешниҳоде шавад, қабул мекунед?**

- Дар ин маврид то ба ҳол фикр накардаам. Вале ният дорам, ки дар Туркия таҷриба бигирам. Агар имкон даст диҳад, ба Ватан баргашта, барои рушди синамои тоҷик саҳм гузорам.

**- Дар Туркия муносибат бо аҳли ҳунар чӣ гуна аст?**

- Дар инҷо зиндагии ҳунармандон хуб аст. Даромади ҳунарманд вобаста ба кораш аст. Тавре мегӯянд, то даст начунбад, даҳон ҳам намеҷунбад.

**- Ахиран, муносибати кишвари Туркия бо шаҳрвандони тоҷик тағйир ёфт. Ҳатто низоми раводид ҷорӣ шуд. Ин ба шумо чӣ таъсире мегузорад?**

- Ман ду моҳи дигар барои иқомат дар ин ҷо фурсат дорам. Роҳҳое ҳастанд, ки аз ҳамин ҷо метавон визаи кориро ба даст овард. Ман ҳам барои дарёфти виза кӯшиш мекунам. Ҷорӣ шудани раводид ҳам хубӣ дорад ва ҳам бадӣ. Агар бо нархи 90 доллар визаи кории яксола диҳанду бемалол дар инҷо зиндагӣ кунӣ, ягон мушкилӣ нест.

**- Дар Туркия муносибат бо тоҷикон чӣ гуна аст?**

- Ман аз кӯдакӣ орзу мекардам, ки дар филмҳои туркӣ нақш офарам. Дар баробари омӯхтани забони англисӣ, дар замони донишҷӯӣ ба курсҳои омӯзишӣ рафта, забони туркӣ омӯхтам. Замони ба ин ҷо омаданам алакай озод суҳбат карда метавонистам. Бинобар ин, дар ин ҷо душворӣ накашидам. Аввалҳо дар ин ҷо аз ман мепурсиданд, ки аз куҷоӣ? Мегуфтам аз Тоҷикистон, аксари туркон намедонистанд Тоҷикистонро. Вале баъди ҳаводиси нохуши Русия ҳама тоҷиконро мешинохтагӣ шуданд. Вале, ба ҳар ҳол, Туркия барои ман бегона нест ва худро дар ин мулк мусофир эҳсос намекунам.

**- Дар оянда чӣ нақшаҳо доред?**

- Албатта, нияти баргаштан ба Ватанро дорам, вале ҳоло барои худ ва ояндаам бояд корҳои зиёдеро ба сомон расонам.

**Мусоҳиб:**
**Суман УБАЙДУЛЛОЗОДА**



# ҚАБУЛИ ҲУҶҶАТҲО БА СИНФИ 1 АЗ КАЙ ОҒОЗ МЕШАВАД?

**Аз Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон хабар медиҳанд, ки қабули ҳуҷҷатҳо ба синфи якум дар мактабҳои Тоҷикистон дар соли хониши 2024-2025 аз 1-уми август оғоз мешавад.**

### Бастаи ҳуҷҷатҳо

Аз вазорат таъкид мекунанд, ки падару модарон барои қабули фарзандашон ба синфи якум бояд ин бастаи ҳуҷҷатҳоро омода кунанд:

*- ариза барои қабул ба мактаб;*

*- корти тиббии кӯдак аз дармонгоҳи маҳали зист;*

*- маълумотнома (справка) аз ҷойи зист;*

*- маълумотнома аз ҷойи кори ҳадди ақал яке аз волидон;*

*- шаҳодатномаи таваллуди кӯдак;*

*- ду дона расми 3x4-и кӯдак.*

### Кӯдаконро омода кунед!

Аз Вазорати маориф ва илм таъкид мекунанд, ки зимни қабул ба синфи якум суҳбати махсус гузаронида мешавад.

Раҳбарияти мактабҳо мустақилона шакл, метод ва навъҳои санҷиши кӯдаконро муайян мекунанд. Аммо ҳамааш ба вазифаҳои мантиқӣ асос ёфтааст.

Яъне кӯдак ба ҷуз аз ёд донистани шеърҳо, бояд ҳадди ақал то 30 ҳисоб карда тавонад, номи фаслҳои сол, сабзавоту мева ва шаклҳо (фигураҳо)-ро донад. Метавонанд ҳамчунин доир ба аъзои оила саволҳо диҳанд.

### Шашсолаҳоро қабул намекунанд

Вазорати маориф ва илм таъкид мекунад, ки кӯдакони синнашон 6-сола имсол ба мактабҳо қабул карда намешаванд. Тибқи Қонун "Дар бораи маориф", танҳо кӯдаконе, ки синни 7-солагиро пур кардаанд, ба синфи якум қабул мешаванд.

Яъне имсол ба синфи якуми мактабҳо кӯдакони то 31-уми декабри соли 2017 таваллудшуда қабул мешаванд. Агар кӯдак баъди 1-уми январи соли 2018 таваллуд шуда бошад, ӯро ба синфи якум қабул намекунанд.

**Таҳияи**
**Ф. БОБОЕВА**

# ВАХШ: КАТС БА МАРДУМ САМИМОНА КУМАК МЕРАСОНАД

**СОҲАИ ТАНДУРУСТӢ ЯКЕ АЗ СОҲАҲОИ АФЗАЛИЯТНОК БАРОИ БЕҲБУДИИ САЛОМАТИИ АҲОЛӢ БА ҲИСОБ МЕРАВАД. БО ҲАМИН МАҚСАД, КОРМАНДОНИ КАТС-И НОҲИЯИ ВАХШ ТАЛОШ БАР ОН ДОРАНД, КИ СОЛИМИИ МАРДУМ ҲАМЕША ТАЪМИН БОШАД.**


*Шералӣ Нуров, роҳбари КАТС-и ноҳияи Вахш*

Бино ба гуфтаи роҳбари КАТС-и ноҳияи Вахш Ш. Нуров, маъмурияти муассисаҳои Кумаки аввалияи тиббию санитарии ноҳияи Вахш сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро сармашқи кори худ карда, бо мақсади иҷрои қарори раиси вилояти Хатлон аз 3.02.2021,№704 «Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди соҳаи тандурустии вилояти Хатлон барои солҳои 2021-2025 дар ноҳияи Вахш» аз рӯи барномаҳои амалкунанда ва фармоишҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 221 ҳазору 925 нафар аҳолии ноҳия хизмати тиббӣ расонида, аз рӯйи нақша-чорабиниҳои тартибдодашуда бо мақсади баррасӣ ва амалисозии барномаҳои миллӣ ва соҳавӣ оид ба ҳифз ва беҳдошти саломатии аҳолии ноҳия корҳои зиёдеро ба анҷом расонидаанд.

Дар зери тобеияти Кумаки аввалияи тиббию санитарии ноҳияи Вахш 1 Маркази саломатӣ, 1 Маркази тиби оилавӣ, 1 Маркази ташаккули тарзи ҳаёти солим, 1 Маркази солимии репродуктивӣ, 1 Маркази ҳамбастагии бемориҳои кӯдакона, 1 Маркази иммунопрофилактика, 13 марказҳои саломатии деҳотӣ ва 56 бунгоҳи саломатӣ фаъолият дошта, дар хизмати мардум қарор доранд.

Шумораи кормандони тиб 843 нафарро ташкил медиҳад. Аз ҷумла, табибон 57 нафар, ҳамшираҳои тиб 495 нафар, кормандони ғайри тиббӣ 105 нафар ва 186 нафар дигар кормандони хурди тиб мебошанд. Аз ин шумора 25 нафар духтурон бо дараҷаи олӣ, ки 46,8 %-ро ташкил медиҳад, 7 нафар дараҷаи якум, 7 нафар дараҷаи дуюм ва 15 нафар бе дараҷанокӣ мебошанд. Ҳамшираҳои тиб 184 нафар бо дараҷаи олӣ, дараҷаи якум 58 нафар, дараҷаи дуюм 55 нафар ва 196 нафар бе дараҷанокӣ мебошанд.

Дар 3 моҳи соли 2024-ум 56 нафар кормандон аз курсҳои такмили ихтисос ва курсҳои бозомӯзӣ гузаштаанд.

Басти воҳидҳои корӣ дар КАТС-и ноҳияи Вахш аз 814,5 иборат буда, 751,5 воҳиди корӣ банд мебошад. Духтурон 125,75 воҳиди корӣ, ҳамшира 439,25, фаррош 142,5 ва коргарони ғайри тиббӣ 107 воҳиди кориро ташкил медиҳанд. Бо квотаи Президентӣ айни замон 1 нафар духтури асаб, 1 нафар духтури занона, 3 нафар духтури бемориҳои гӯшу гулӯ ва бинӣ фаъолият мекунанд.



Шуъбаи ёрии таъҷилӣ ва рентгени рақамӣ аз таъмир баровардa шуда, бо 4 адад автомашинаи ёрии таъҷилӣ таъмин карда шудаанд. Дар 4 моҳи соли 2024 дар шуъбаи ёрии таъҷилӣ 254 занги телефонӣ ба қайд гирифта шудааст.

Маркази тиби оилавӣ ба 3723 хоҷагӣ ва ба 21 ҳазору 413 нафар шаҳрвандон хизмати тиббӣ мерасонад, ки аз ин шумора 10793 нафарашон мардҳо, 10620 нафар занҳо мебошанд. Дар Маркази тиби оилавӣ дар 4 моҳи соли 2024-ум 203 навзодон ба қайд гирифта шудаанд.

Барои хизматрасонии тиббӣ ба беморони сироятӣ дар минтақаҳои Маркази саломатии ноҳияи Вахш, марказҳои саломатии деҳотӣ ва бунгоҳҳои саломатӣ фаъолияти ҳуҷраи беморони сироятӣ аз рӯи нақша ба роҳ монда шуда, дар ин ҳуҷра 1 духтури маълумоташ олӣ, 2 ҳамшираи тиб ва 1 фаррош фаъолият мекунанд.

Хизматрасонӣ ба маъюбон дар ҳуҷраи КМТ хуб ба роҳ монда шуда, шумораи умумии маъюбон дар 3 моҳи соли 2024-ум 4118 нафарро ташкил медиҳад. Аз ин шумора 3104 нафарашонро калонсолон, 1014 нафарро кӯдакони синни то 18-сола ташкил медиҳад.

Дар 3 моҳи соли 2024 ҳамагӣ дар қайди диспансерӣ 1 нафар иштирокчии ҶБВ, 10 нафар иштирокчиёни Чернобил, 10 нафар интернатсионалистони ҷанги Афғонистон қарор доранд, ки ба ҳамаи онҳо духтурони тиби оилавӣ вобаста карда шуда, сари вақт хизмати тиббии ройгон расонида мешавад.

Дар ноҳияи шумораи занҳои қобили таваллуд 53 ҳазору 124 нафарро ташкил медиҳад. Ҳамагӣ дар ноҳия 10 духтури momoдоя, аз ҷумла 6 нафар дар Беморхонаи марказӣ ва 4 нафар дар Маркази солимии репродуктивӣ фаъолият мекунанд. 54 нафар доҳо дар бунгоҳҳои саломатӣ ба занҳо хизмати тиббӣ мерасонанд. Аз инҳо дар Маркази солимии репродуктивӣ 5 нафар ва дар марказҳои саломатии деҳотӣ 49 нафар ба занҳои ҳомила хизмати тиббӣ расонида истодаанд.

**ШУМОРАИ КОРМАНДОНИ ТИБ 843 НАФАРРО ТАШКИЛ МЕДИҲАД. АЗ ҶУМЛА, ТАБИБОН 57 НАФАР, ҲАМШИРАҲОИ ТИБ 495 НАФАР, КОРМАНДОНИ ҒАЙРИ ТИББӢ 105 НАФАР ВА 186 НАФАР ДИГАР КОРМАНДОНИ ХУРДИ ТИБ МЕБОШАНД.**

Дар ноҳия хизматрасонӣ ба нафарони гирифтори бемории қанд ба воситаи ҳуҷраи ғадудшиносии Маркази саломатии шабакаи муассисаҳои Кумаки аввалияи тиббию санитарии ноҳияи Вахш расонида мешавад. Дар ноҳия ду нафар духтури ғадудшинос ба беморони диабети қанд хизмати тиббӣ мерасонанд. Ҳамагӣ дар қайди диспансерӣ 830 нафар бо бемории диабети қанд мебошанд, ки 47 нафарашон бори аввал ба қайд гирифта шудаанд.

Ҳуҷраи наврасон дар фаъолияти кории худ аз рӯи фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба фаъолияти ҳуҷраи наврасон тибқи низомнома ва машваратҳои вилояти Хатлон ва Шӯрои тиббӣ амал мекунад. Ҳуҷраи наврасон дар КАТС-и ноҳия чойгир буда, дорои картотекаи алоҳидаи махсус мебошад. Ҳуҷраи наврасони ноҳия ба наврасони 64 мактаби миёна, ЛКТ №60, Литсейи ноҳия хизмати тиббӣ мерасонад.

Бо мақсади амалисозии Барномаи иммунопрофлактика, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми октябри соли 2016, №456, Қарори раиси вилояти Хатлон аз 16-уми декабри соли 2018, №256 ва Қарори раиси ноҳияи Вахш аз 21-уми июни соли 2017, №468 «Дар бораи тасдиқи Барномаи иммунопрофилактика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020» тасдиқ шудааст ва барои пурзӯр намудани соҳаи иммунопрофилактика бо фармоиши Беморхонаи марказии ноҳия аз соли 2004 маркази иммунопрофилактика кушода шуд. Дар 3 моҳи соли 2024 муассисаҳои тиббии ноҳия ба пуррагӣ бо маводҳои эмгузаронӣ таъмин карда шудаанд.

Роҳбари КАТС-и ноҳияи Вахш Ш. Нуров мегӯяд, ки кормандони шабака бо майли тамом ба фаъолияти касбӣ машғул гардида, талош менамоянд, ки дар оянда низ ба мардуми ниёзманд самимона ҳар кумаки аз дасташон меомадаро расонанд.

- Дастуру тавсияҳои Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои кормандони соҳаи тандурустӣ чароғи роҳнамо ба самти рушди соҳа гардида, ҳар яки моро водор месозад, ки дар иҷрои вазифаҳои касбии худ тамоми имкониятҳоро сафарбар намоем,- меафзояд ӯ.

**Машраби АЛОВИДДИН**

ҶУДО

# МЕДАЛИ БИРИНҶИИ СОМОН МАҲМАДБЕКОВ АЗ ЧЕМПИОНАТИ ҶАҲОН

**Дар рӯзи сеюми Чемпионати ҷаҳонии ҷудо, ки дар Абу Забии ИМА идома дорад, паҳлавони маъруфи тоҷик Сомон Маҳмадбеков дар вазни -81 кг хуб куштӣ гирифта, медали биринҷии мусобиқаро ба даст овард.**

Сомон Махмадбеков дар даври аввал бар Данийил Зоубкои фаронсавӣ зафар ёфта, дар даври дуюм бар намояндаи Нидерланд Франк де Вити 28-сола пирӯзӣ ба даст овард.

Махмадбеков дар даври сеюм бо имтиёзи вазарӣ бар Абдураҳмон Абдуғании мисрӣ ғалаба карда, ба даври чаҳорякниҳоӣ роҳ ёфт. Ӯ дар рақобати душвор бо Тато Григалашвилии гурҷӣ, ки ду маротиба чемпиони ҷаҳон шудааст, дар ин мурҳила мағлуб шуда, ба даври тасаллобахш рафт ва бар Давид Карапетян (AIN) дастболо шуд. Ҳамин тавр, Маҳмадбеков барои ба даст овардани нишони биринҷӣ ҳақ пайдо кард ва дар вақти тилой бо имтиёзи вазарӣ Гочилаидзе Димитрии гурҷиро шикаст дода ин нишонро ба гардан овехт.



Соли 2007 Расул Боқиев аз Қаҳрамонии чудои ҷаҳон дар Бразилия ба гирифтани нишони биринҷӣ ноил шуда буд. Инак, 17 сол баъд, ба Сомон Махмадбеков муяссар шуд, аз Чемпионати ҷаҳони чудо барои Тоҷикистон медал орад.

ҶОМИ ҶАҲОН

# ТОҶИКИСТОН БА БОЗӢ БО УРДУН ВА ПОКИСТОН ОМОДА МЕШАВАД

**Ситоди мураббиёни дастаи мунтахаби Тоҷикистон таҳти роҳбарии мутахассиси гурҷӣ Гела Шекиладзе ҳайати тими миллиро, ки ба бозиҳои интихобии Ҷоми ҷаҳон-2026 дар гуруҳи «G» бо дастаҳои мунтахаби Урдун (6 июн, Аммон) ва Покистон (11 июн, Душанбе) омода мешавад, эълон кард.**

Ба тими миллии Тоҷикистон 23 бозигар – 3 дарвозабон, 8 ҳимоятгар, 8 нимҳимоятгар ва 4 ҳамлагар даъват шудаанд. Алишер Ҷалилов, нимҳимоятгари «Истиқлол»-и Душанбе ба далели чароҳат доштанаш дар ин бозиҳо иштирок намекунад.

Дастаи мунтахаби Тоҷикистон 22 май омодагиҳоро ба бозиҳои оянда оғоз мекунад. Дар ин рӯз дастаи мо ба чамъомади таълимиву тамринӣ ба Қатар меравад, ки онҷо то 2 июн мемонад. 3 июн дастаи мунтахаби Тоҷикистон аз Давҳа барои анҷоми бозии панҷуми даври дуюми марҳилаи интихобии Ҷоми ҷаҳон-2026 дар гурухи «G» бо тими миллии Урдун ба Аммон парвоз мекунад. Ин дидор рӯзи 6 июн дар Варзишгоҳи байналмилалии Аммон баргузор шуда, соати 20:30 ба вақти маҳаллӣ (соати 22:30 ба вақти Душанбе) оғоз мешавад.




Пас аз бозӣ бо Урдун дастаи мунтахаби Тоҷикистон ба Душанбе бармегардад ва 11-уми июн бозии ниҳоии даври дуюми марҳилаи интихобии Ҷоми ҷаҳон-2026-ро бо тими миллии Покистон анҷом медиҳад.

**Ҳайати дастаи мунтахаби Тоҷикистон барои бозиҳои интихобии Ҷоми ҷаҳон-2026 бо тимҳои миллии Урдун (6 июн) ва Покистон (11 июн):**

**Дарвозабонҳо:** *Рустам Ятимов, Муҳриддин Ҳасанов (ҳарду аз «Истиқлол»), Далерҷон Баротов («Истаравшан»);*

**Ҳимоятгарон:** *Ваҳдат Ҳанонов («Персеполис», Эрон), Зоир Ҷӯрабоев, Манучеҳр Сафаров (ҳарду аз «Нефтчӣ», Ӯзбекистон), Меҳрубон Каримов («Самгурали», Гурҷистон), Аҳтам Назаров, Табрез Исломов, Содиқҷон Қурбонов (ҳама аз «Истиқлол»), Раҳматшо Раҳматзода («Равшан»);*

**Нимҳимоятгарон:** *Парвизҷон Умарбоев (ССКА-1948, Булғористон), Алишер Шукуров («Динамо-Тбилиси», Гурҷистон), Фатхулло Олимзода («Атирау», Қазоқистон), Амирбек Ҷӯрабоев, Эҳсони Панҷшанбе, Амадонӣ Камолов (ҳама аз «Истиқлол»), Шарафҷон Солеҳов («Регар-ТадАЗ»), Абубакр Сулаймонов («Барқчӣ»);*

**Ҳамлагарон:** *Шаҳром Самиев («Андиҷон», Ӯзбекистон), Шервонӣ Мабатшоев, Рустам Соиров (ҳарду аз «Истиқлол»), Нуриддин Ҳамроқулов («Ҳосилот»).*

**Сармураббӣ:** *Гела Шекиладзе (Гурҷистон).*

ФУТБОЛ

# ШАШ ГОЛИ «ИСТИҚЛОЛ» БА ДАРВОЗАИ «ЭСХАТА»

**Даври ҳафтуми Лигаи олӣ Чемпионати футболи Тоҷикистон-2024 ба анҷом расид. Пешсафи чемпионат «Истиқлол»-и Душанбе дар мавсими чорӣ ғалабаи ҳафтум ва пайиҳами худро ба даст оварда, бо 21 имтиёз мақоми аввалро дар ҷадвали мусобиқа соҳиб аст.**

Дар ин давр «Панҷшер» бо «Ҳосилот» мусовӣ бозӣ кард. Дастаҳо бе задани гол бозиро ба наочм расонданд - 0:0. Клуби марказии варзиши артиш низ бо «Хуҷанд» мусовӣ бозӣ кард. Дар ин бозӣ ҳам гол зада нашуд - 0:0.

«Истаравшан» дар майдони худ бар дастаи «Вахш» бо ҳисоби 2:1 пирӯз шуд. «Барқчӣ» дар майдони худ аз дастаи «Регар-ТадАЗ» бо ҳамин ҳисоб мағлуб шуд.

«Равшан»-и Кӯлоб таванонист, ки дар ин давр, баъд аз шикаст аз «Вахш» ва истеъфои сармураббӣ Ахлиддин Турдиев, бар «Кӯктош» бо ҳисоби 3:0 пирӯз шавад.

Дастаи «Истиқлол» дарвозаи «Эсхата»-ро голборон кард. Хуҷандиҳо ба 6 голи задаи душанбегиҳо танҳо дар вақти иловагӣ тавассути пеналтӣ бо як гол ҷавоб гардонданд - 6:1.

Даври 8-ум рӯзи 24-уми май бо бозии «Эсхата» бо «Вахш» оғоз мешавад. 25-уми май «Кӯктош» бо «Истаравшан», «Хуҷанд» бо «Равшан», «Ҳосилот» бо КМВА, 26-уми май «Регар-ТадАЗ» бо «Панҷшер» бозӣ мекунанд.



РЕЗААХБОР

22-юми июн дар Екатеринбург тахти сарпарастии RCC Boxing Promotions Шоми бокси касбӣ баргузор мешавад. Муштзани тоҷик Баходур Усмонов (7-0, 3 КО) ва Доуд Алаев (9-0, 5 КО) дар Академияи санъати ҳарбии РМК ба ринг мебароянд. Ёдовар мешавем, ки муштзани тоҷик Баходур Усмонов дар вазни 63,5 кг роҳхати Бозиҳои Олимпии Париж 2024-ро соҳиб шудааст.

***

Аз 26-уми май то 2-уми июн дар Бангкоки Тайланд Чемпионати 2-юми ҷаҳонии интихобии олимпӣ дар намуди бокс баргузор мешавад. Ин охирин мусобиқаи ҷаҳонии интихобии олимпӣ махсуб мешавад. Рӯҳафзо Ҳақназарова (50 кг), Фотима Бегмуродова (54 кг), Нилуфар Бобоёрова (63 кг), Шоира Зулкайнарова (66 кг), Меҳрон Шафиев (51 кг), Асрор Воҳидов (57 кг), Шамшер Саидов (71 кг), Некрӯз Салимов (80 кг) ва Муҳаммад Аброриддинов (92 кг) Тоҷикистонро намояндагӣ мекунанд.

***

Варзишгари тоҷик Мижгона Самадова дар вазни 57 кг дар мусобиқаи байналмилалии бокс ба хотираи Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ Константин Коротков, ки дар Хабаровски Русия баргузор шуд, мақоми дуюмро касб кард.

Самадова дар финал аз Людмила Воронсоваи рус шикаст хӯрд. Самадова дар даври ниманиҳоии мусобиқот бар намояндаи Беларус Марина Мулярчик пирӯз шуд.

***

Вебгоҳи расмии клуби футболи «Ливерпул» (Англия) хабар медиҳад, ки Арне Слот бо даста шартномаи сесола имзо кардааст. Слот ба ҷойи сармураббии «Ливерпул» мутахассиси олмонӣ Юрген Клоппро, ки аз октябри соли 2015 дастаро роҳнамоӣ карда, 10 ҷоиза ба даст овардааст, иваз кард. Дар мавсими имсола «Фейеноорд» тахти роҳбарии Слот Ҷоми Нидерландро ба даст оварда, дар Эредивизия ҷойи дуюмро ишғол кард. «Ливерпул» бо Клопп дар Премйер лигаи Англия ҷойи сеюмро гирифт.

***

Дар шаҳри Душанбе бахшида ба Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон дави миллӣ ва марафони велосипедронӣ баргузор гардид. Дар дави миллӣ дар Душанбе зиёда аз 55 ҳазор шаҳрванди касбу кори гуногун ва дар марафони велосипедронӣ беш аз 1600 нафар иштирок карданд. Чунин чорабиниҳо дар марказҳои маъмурии шаҳру вилоятҳои кишвар низ баргузор шуданд.



**Суди Басманийи Маскав ҳукми Муҳаммадсобир Файзов, Далерҷон Мирзоев, Саидакрам Раҷабализода ва Фаридуни Шамсиддин - чаҳор гумонбари аслии ҳамлаи террористӣ дар "Крокус Сити Холл"-и Маскавро се моҳ - то 22-юми августи соли равон тамдид кард.**

Қаблан онҳо то 22-юми май ба ҳабс гирифта шуда буданд. Гуфта мешавад, ки гумонбарон дар ҳамлаи террористӣ дар боздоштгоҳи "Лефортово"-и шаҳри Маскав то ҳол дар камераҳои алоҳида нигоҳ дошта мешаванд.




**Аз 13 то 19-уми май 1200 муҳоҷири кории тоҷик оид ба боздошти ғайриқонунӣ, нақзи ҳуқуқашон аз сӯйи пулиси Русия ва қарорҳои беасоси ихроҷашон аз сӯйи додгоҳҳои ин кишвар ба ҳуқуқшиноси Шӯрои ҷамъиятии назди Сафорати Тоҷикистон дар Русия шикоят кардаанд.**

Гуфта мешавад, ки ба шаҳрвандони Тоҷикистон тавсия ва машваратҳои ҳуқуқӣ дода шуда, масъалаҳои марбутаи шаҳрвандон барои баррасии минбаъда аз ҷониби ҳуқуқшиносони Шӯрои ҷамъиятӣ қабул карда шудаанд. Ҳуқуқшиносони ин ниҳод ҳар ҳафта рӯзи шанбе шаҳрвандони Тоҷикистонро дар бинои сафорат қабул мекунанд.



**Шаби 17 ба 18-уми май як издиҳоми бузурги ҷавонони қирғиз ба хобгоҳҳои Донишгоҳи байналмилалии Қирғизистон ҳамла карда, донишҷӯёни хориҷӣ аз Миср, Бангладеш, Покистон ва Ҳиндустонро бераҳмона латукӯб ва ҳуҷраҳояшонро ғорат кардаанд.**

Сабаби ин ҳамла муноқишае гуфта мешавад, ки рӯзи 13-уми май миёни донишҷӯёни хориҷӣ ва ҷавонони маҳаллӣ рух дода буд. Вазорати тандурустии Қирғизистон хабар дод, ки дар ҷараёни бетартибиҳои шабона 29 донишҷӯи хориҷӣ осеб дидаанд. Аз ҷумла ҷоғи як донишҷӯ аз Покистонро шикастаанд. Ин қазия феълан таҳқиқ мешавад.

# ТАЪМИНИ ҲАЁТИ ОСОИШТА

## КДАМ чораҳои амниятиро дар сарҳад пурзӯр мекунад

**Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Тоҷикистон (КДАМ) аз шадид шудани чораҳои амниятӣ дар минтақаҳои сарҳадии кишвар хабар медиҳад. Дар ин бора изҳороти ин ниҳод дар АМИТ "Ховар" рӯзи 17-уми май нашр шуд.**



Қӯшунҳои сарҳадии КДАМ ба таваҷҷуҳи шаҳрвандони Тоҷикистон ва шаҳрвандони хориҷиву шахсони бешаҳрванд мерасонад, ки "воридшавӣ ба минтақаҳои сарҳадӣ ва даромаду баромад"-ро зери назорати ҷиддӣ мегирад.

Ин ниҳод сабаби чунин тасмимро "ҳифзу ҳимояи худуди мамлакат, суботу оромӣ ва таъмини ҳаёти осоиштаи сокинон" гуфтааст.

"Тамоюли рӯ ба мураккаби вазъияти минтақа ва ҷаҳон, талошҳои ташкилоти террористию экстремистӣ баҳри убури ғайриқонунии сарҳадҳои давлатӣ ва амалӣ сохтани актҳои зиддибашарии террористӣ дар нуктаҳои гуногуни сайёра, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон тақозо менамояд, ки ҳифзу ҳимояи худуди мамлакат, суботу оромӣ ва таъмини ҳаёти осоиштаи сокинон пурзӯр карда шавад",- омадааст дар изҳороти КДАМ.

Ин ниҳод аз моддаи 19-уми қонун дар бораи сарҳади давлатӣ ёдовар шуда, гуфтааст, ки "постгоҳҳои сарҳадӣ даромаду баромади шаҳрвандонро ба минтақаҳои сарҳадӣ зери назорати ҷиддӣ мегиранд".

Неруҳои марзбонии кишвар аз шаҳрвандону меҳмонони кишвар даъват кардааст, ки "ҳангоми сафар ба минтақаҳои сарҳадии ВМКБ ва вилояти Хатлон бо худ шиноснома ва дигар ҳуҷҷатҳои тасдиккунандаи шахсиятро дошта бошанд".

"Воридшавӣ ба минтақаҳои номбурда бе риояи чунин талабот иҷозат дода намешавад",- гуфтааст ин ниҳод.

Маълум нест, ки ин чораҳо аз кай амалӣ мешаванд.

# ЗАНИ СЕЮМ БА ХОТИРИ МОШИН

**Шарафҷон Насриддинов, як сокини ноҳияи Рӯдакӣ, ки бо тахаллуси Қорӣ Раҷабалӣ маъруф гаштааст, бо гумони қаллобӣ боздошт ва бар зиддаш парвандаи ҷиноятӣ ифтитоҳ шуд. Дар ин бора "Милитсия - ҳомии ҷомеа"-и ВКД хабар медиҳад.**

Ба гуфтаи манбаъ, "Қори Раҷабалӣ ба ҳар хонае бо мақсади дуохонӣ мерафт, кирдори ношоями содир мекард".

Ӯ то ин дам се зан, аз ҷумла як ноболиғро ба никоҳи худ даровардааст ва ба гуфтаи ВКД, рӯзгорашро аз ҳисоби занонаш пеш мебурдааст.

"Қорӣ Раҷабалӣ дар маҳфилҳо ба қавле мардумро панду андарз, аз инсофу адл гуфта, худ ғуломи нафс шудааст. Ӯ ҳатто ҳамсарони ёру дӯстони худро ба никоҳаш даровардааст",- гуфта мешавад дар ахбори ВКД.

Ӯ дар ягон ҷо таҳсили динии расмӣ нагирифта, вале дар масҷиди "Қазоқон"-и ноҳияи Сино ҳамун қорӣ фаъолият доштааст.

Худи гумонбаршаванда дар навор тасдиқ мекунад, ки бо ивази маблағ дуохонӣ мекардааст, вале ба никоҳи худ даровардани се занро "аз нигоҳи ислом" дуруст меҳонад.

Ҳоло нисбати Шарафҷон Насриддинов бо моддаи 247, қисми 2-и Кодекси ҷиноятӣ парванда боз шудааст.



# ВАҚТЕ ЗАН ШАВҲАРРО КУШТАНӢ МЕШАВАД...

**ВКД Тоҷикистон хабар медиҳад, ки як ҷавонзан аз Шаҳристон дар ҳолати мастӣ ҳамсараш аз Ховалингро дар хонаи иҷорааш дар шаҳри Исфара корд задааст.**

Маркази матбуоти ВКД Тоҷикистон рӯзи 18-уми майи соли 2024 хабар дод, ки зимни баргузор намудани чорабиниҳои фаврию ҷустуҷӯӣ аз ҷониби кормандони милитсия муайян карда шуд, ки зани 26-солаи сокини ноҳияи Шаҳристон



шаби 14 ба 15-уми майи соли 2024, тахминан соати 00:30, дар ҳолати мастӣ ба яке аз биноҳои кӯчаи Д. Шарипови шаҳри Исфара, ки дар ин суроға шавҳараш - ҷавони 23-солаи сокини ноҳияи Ховалинг зиндагонӣ мекунад, ворид шуда, бо ӯ ҷангу ҷанҷол кардааст ва дар ҷараёни муноқиша бо корди қатшаванда як маротиба ба шиками шавҳараш зада, ҷароҳати вазнини ҷисмонӣ расонидааст.

Тафтишоти ин қазия оғоз шудааст.

# УМРЕ ДАР ХИЗМАТИ МАРДУМ

## Дар ҳошияи 90-солагии Исрофил Бобомаликов

**Исрофил Бобомаликов, собиқадори соҳаи ҳифзи иҷтимой, марди ҳалиму хоксор, содиқ ба касби хеш ва инсони хайрхоҳ ҷашни мавлуд доранд. Эшон 90-солагии худро дар ҳалқаи пайвандон ва ёру дӯстон таҷлил мекунанд.**



Ҳоло Исрофил Бобомаликов дар шаҳри Хуҷанд зиндагӣ мекунанд. Вақте ба аёдати эшон рафтем, ба мутолиа машғул буданд. Бароямон аҷиб буд, ки эшон дар 90-солагӣ бе айнак китоб мехонданд.

"Шукри Худованд, ки саломатиам хуб аст. Бо мутолиа, тамошои барномаҳои телевизион ва суҳбатҳову мулоқотҳо рӯзгори бознишастагиро пушти сар мекунам",- мегӯянд эшон.

Рӯзгори ин пири барнодил намунаи ибрат ба дигарон аст. Эшон 20-уми майи соли 1934 дар деҳаи Кулолии шаҳри Панҷакент чашм ба олами ҳастӣ кушодаанд. Пас аз хатми мактаби миёна ва хатми Омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Панҷакент дар Донишкадаи омӯзгории шаҳри Душанбе таҳсил намудаанд.

Солҳои 1958-1965 дар зодгоҳ ба сифати муаллими мактаби таҳсилоти ҳамагонӣ ва котиби масъули ҷамъияти «Дониш» дар шаҳри Панҷакент фаъолият кардаанд.

Соли 1965 тақдир он касро ба шуъбаи ҳифзи иҷтимоии аҳолии шаҳри Панҷакент овард ва то соли 1968 сарварии шуъбаи мазкурро ба зимма доштанд. Сипас барои таҳсил ба Мактаби олии ҳизбии шаҳри Тошканд роҳхат гирифтанд. Пас аз хатми мактаби мазкур, солҳои 1970-1971 дар Кумитаи шаҳри Панҷакентии Ҳизби коммунист ба ҳайси дастурдеҳ (инструктор) кор карданд. Сипас тамоми фаъолияти меҳнатии худро бо мақомоти ҳифзи иҷтимоии аҳолии вилоят пайвастанд. Шуруъ аз соли 1971, аз таъсисиёбии вилояти Ленинобод то соли 1995, яъне 25 соли пурра дар вазифаи сардори идораи ҳифзи иҷтимоии аҳолии вилояти Ленинобод, имрӯза Суғд адои вазифа карданду бо ҳамин ба нафақа баромаданд.

Ҳоло эшон соҳиби 4 фарзанд, 18 набера ва 21 абера мебошанд. Дар оғӯши аҳли хонавода давлати пирӣ меронанду аз саломатии худ шикояте надоранд. Ба набераву аберахо низ бештар хондани китоб ва соҳибмаълумот шуданро тавсия медиҳанд.

Исрофил Бобомаликов Корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, гирандаи нафақа барои хизматҳои махсус дар назди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва собиқадори соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолии вилояти Суғд мебошанд. Ҳамагон эшонро то ҳол ҳамчун коммунисти ҳақиқӣ, марди адолатҷӯ, ростқавлу ростгӯ мешиносанду эҳтиром мекунанд.

Мо ҳам ба ин пири барнодил тани сиҳат ва умри дароз орзу мекунем.

**Фарзона ШАМСИЕВА,**
**шаҳри Хуҷанд**

# СИККАҲОИ ҲИСОР ДАР ТЕҲРОН

**Намоишгоҳи байналмилалии китоби Теҳрон фурсати мусоид барои пайдо кардани ҳар китоб аст.**

Сайругашт дар ғурфаҳо ҳатман хушҳолатон мекунад ва ба укёнуси китоб менигарию тааҷҷуб мекунӣ кадомашро бихарӣ. Ноширону нависандагон, мутарҷимон, пажӯҳишгарони зиёдеро мебинӣ ва ба натиҷае мерасӣ, ки як умри дигар лозим аст, ки ҳамаи ин ганҷинаҳоро бихонӣ.

Соати авҷи намоишгоҳ буд ва ҷавоне хандон вориди ғурфаи Муассисаи фарҳангии ЭКО шуд.

- Ман Саидҷаводи Хонӣ, ин китобро баргардон намудам - "Сиккаҳои Ҳисори шодмон", асари доктор Давлатхоҷа Довудӣ, ҳамшаҳрии шумо.

Бояд санг бошӣ, ки аз ин мужда хушҳол нашавӣ. Китобро Сиддиқа Фуруғиён вироиш намуда, интишороти Бурнород онро бо шуморагони 200 нусха дар 180 саҳифаи мусаввар мунташир намудааст.

Рассом Ҳамиди Эроншоҳӣ портрети шодравон Давлатхоҷа Довудиро муносиб кашида ва китоб бо пешгуфтори доктор Абдувалӣ Шарифзода - таърихшиноси тоҷик зиннат ёфтааст.

Саидҷаводи Хонӣ дар муқаддимаи китоб менависад, ки тасмим дорад китобҳои дигари Довудӣ - "Шаҳри бостонии миси Айнак" ва "Шаҳраки кушонии Сайёд"-ро ҳам ба форсӣ баргардон намояду дар ихтиёри хонандагони эронӣ қарор диҳад.

Нашри китоб ба адабдӯстон муборак ва равони муаллифи он Давлатхоҷа Довудӣ (1950-2022) - бостоншинос ва сиккашиноси тоҷик шод бошад.

**Шоҳмансури ШОҲМИРЗО,**
**шаҳри Теҳрон**

## МАВЛУДНОМА

**• 23 МАЙ •**

**Тамара Ламзина** (1924-1996), 100-солагии зодрӯзи Китобдори Хизматнишондодаи РСС Тоҷикистон.

**Валерий Талвик** (1939-1987), 85-солагии зодрӯзи нависанда.

**Шодимурод Ҷумъаев** (1939), 85-солагии зодрӯзи адабиётшинос, журналист.

**Ладо Шанидзе** (1944), 80-солагии зодрӯзи меъмор, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

**• 24 МАЙ •**

**Акрам Амонов** (1954), 70-солагии зодрӯзи генерал-лейтенант.

**Маҳмадалӣ Маҳмудназаров** (1954), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

**Содир Форсихонов** (1924-2006), 100-солагии зодрӯзи доктори илми кишоварзӣ, профессор, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

**• 25 МАЙ •**

**Суннат Бобохоҷаев** (1929-2004), 95-солагии зодрӯзи доктори илми геология, профессор, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Ибни Сино.

**Олуболу Боқиев** (1934-2000), 90-солагии зодрӯзи доктори илми таърих, профессор.

**Рустам Деҳотӣ** (1944), 80-солагии зодрӯзи забоншинос (олмонӣ).

**Турсунпӯлод Амини Истаравшанӣ** (1949-2011), 75-солагии зодрӯзи шоир, Журналисти шоистаи Тоҷикистон.

**Додоҷон Музаффаров** (1929-2003), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи география.

**• 26 МАЙ •**

**Лев Калштейн** (1924-1989), 100-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

**Анвар Содиқов** (1939), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

**• 27 МАЙ •**

**Шариф Қодиров** (1954), 70-солагии зодрӯзи ҳунарманди театр.

**Марина Некрасова** (1954), 70-солагии зодрӯзи шоир.

**Ғуфрон Раҳим**боев (1949), 75-солагии зодрӯзи мутриб, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

**Константин Чайкин** (1889-1939), 135-солагии зодрӯзи адабиётшинос, мутарҷими рус, тарҷумони осори адибони классики форс-тоҷик.

**• 28 МАЙ •**

**Бурхвалӣ Ғуломҳайдаров** (1954), 70-солагии зодрӯзи ҳунарманди театру кино.

**Сафар Тағоев** (1944-1994), 80-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

**• 29 МАЙ •**

**Раъно Мавлонова** (1939), 85-солагии зодрӯзи сароянда.

**Шомил Мазитов** (1914-1996), 110-солагии зодрӯзи доктори илми техникӣ, профессор.

**Зебӣ Рофиева** (1909-1977), 115-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

**Саидмурод Самиев** (1944), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

**Майя Ҳасанова** (1934-2011), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

**Таҳияи Г. ИСМОИЛОВА,**
**Ҳ. АМРИДДИН,**
**кормандони Китобхонаи**
**миллии Тоҷикистон**

## Толеънома



***Ҳамал***
***21.03 - 20.04***

Аввали ҳафта дар ҳаёти ҳамалҳо андаке душворӣ пеш меояд. Агар оиладоред ё дӯстдошта доред, бо рашки беасос ҷони ёратонро ба лаб наоред. Инчунин бо шахси дӯстдоштаатон якҷоя ба вохӯрии дӯстон наравед, вагарна моҷаро сар зада, дар ҳоли ногувор мемонед.



***Савр***
***21.04 - 21.05***

Аввали ҳафта каме серташвиш меояд, вале шумо аз уҳдаи ҳама кор ба хубӣ мебароед. Дар муносибатҳои заношавҳариятон мунокиша рух дода, маълум мегардад, ки гапи муҳимеро аз шумо пинҳон кардаанд ё гуфтанашро фаромӯш кардаанд. Яке аз наздиконатон аз шумо дар ҳалли мушкилаш кумак мепурсад.



***Ҷавзо***
***22.05 - 21.06***

Дар ин ҳафта ғалатфаҳмӣ ва бадгумонии шумо ба решаи муносибатҳоятон бо дӯстону наздикон теша зада, минбаъд бо атрофиён забон ёфтанатон душвор мегардад. Миёнаи ҳафта дар муносибатҳои ошиқонаатон дилсардӣ дида мешавад.



***Саратон***
***22.06 - 23.07***

Аввали ҳафта мушкилоти пулӣ пеш меояд. Мушкилот бо сабаби нодуруст сарф кардани маблағ ва кам будани он пайдо мешавад. Шумо ҳеҷ фаҳмида наметавонед, ки ҷаро пулҳоятон ба зудӣ сарф мегарданд. Фавран аз паси рафъ намудани камбудиҳои рӯзгор шавед.



***Асад***
***23.07 - 22.08***

Агар шумо оиладор бошед, рашку шубҳа ба дилатон роҳ ёфта, боиси дилсиёҳӣ мегардад. Беҳтараш ба суолҳое, ки дар ин рӯзҳо дар саратон чарх мезананд, посух наҷӯед. Миёнаи ҳафта вазъият чигилтар гашта, ҳис мекунед, ки бо атрофиён забон як карданатон душвор мегардад.



***Сунбула***
***23.08 - 22.09***

